# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ
# БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я 72 85+74.266+74.268 я 72**
**Р-84**

**Р-84.** Т. Каримов, М. Иргашева. **Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2-юм барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 64 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-401-8**

**© «Маориф», 2016**

## МУНДАРИЧА


Муқаддима ........................................................................................................ 5
Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2.................................................. 7
I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2.................. 7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2............ 7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2……. 7
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2.................. 11
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2................ 11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2.............. 11
II. Салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2.............................................. 13
2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ.............................................. 14
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ........................ ................ 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ............................................................ 15
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо .............................................................. 16
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ................................................................ 17
**III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2........................................................................................................ 17**
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ........................................ 18
3.2. Принсипҳои таълими самаранок ......................................................... 18
3.4. Алоқамандии байнифаннӣ ................................................................ 19
IV. Методикаи таълими фанни санъат ва меҳнат дар синфи 2 ................................. 20
V. Арзёбӣ............................................................................................... 23
**Роҳнамои омӯзгор аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2....**.............................. 28
1. Тасвир ва сохтани шакли парчами миллӣ - 1 соат............................................ 28
**2.** Саёҳат – 1 соат.................................................................................. 28
3. Тасвири корҳои ороишӣ. (оро додани хонаи худ) – 1 соат.................................. 29
4. Шаклу суробсозӣ ба воситаи ҷисмҳои табиӣ - 1 соат........................................ 30
5. Сохтани гӯшаи «ситорача» - 1 соат....................................................... 30
6. Тасвири мева ва барг – 1 соат............................................................... 31
7. Тасвири табиати зебои тирамоҳи заррин– 1 соат ............................................ 32
8. Тасвири парвози парандагон – 1 соат........................................................ 33
9. Тасвири накшу нигори миллӣ – 1 соат........................................................ 33
10. Тасвир ва сохтани «чароғаки роҳнамо» - 1 соат............................................ 34
11. Ҷамъоварии ҳосил. тасвир дар мавзӯи «дарахтони мевадор». - 1 соат................. 35
12-13. Дарки зебоипарастӣ, ҳаракат ва санъат. сохтани ҳаракати нақлиёт - 2 соат 36
14. Бо ёрии ришта сохтани шаклҳои дилхоҳ – 1 соат.......................................... 36
15. Тасвири меваю сабзавот - 1соат............................................................. 37
16. Ба воситаи найча сохтани шаклҳо – 1 соат................................................. 38
17-18. Гулмонӣ дар мавзӯи «Тирамоҳи зарнисор». Тасвир намудани манзараи фасли тирамоҳ- 2 соат................................................................................ 38
19-20. Суробсозӣ ва ороиши зарфҳо – 2 соат................................................... 39
21-22. Тасвири баргҳои зарин ва парвариши рустаниҳои хонагӣ- 1 соат..................... 40
23. Гулдӯзӣ ва эҷодкорӣ аз ашёи табиат – 1 соат.............................................. 40
24-25. Театри лӯхтак. Сохтани симои қаҳрамони афсонаи халқӣ ва шакли бозичаҳо аз матоъ- 2 соат.............................................................................. 41
26. Меҳргон ҷашни ҳосилот. Ёрӣ дар ҷамъоварии ҳосил -1 соат.............................. 42
27-28. Сохтани бозичаҳо – 2 соат................................................................. 43
29-30. Тасвир ва сохтани манзараи деҳа – 2 соат.............................................. 43
31. Шиносоӣ бо рассом Мирзораҳмат Олимов – 1соат......................................... 44
32. Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор - 1 соат.................................... 44
33-34. Тасвири ва сохтани парвози парандагон – 2 соат....................................... 45
35. Тасвир намудани нақшу нигори миллӣ – 1 соат............................................ 46
36. Сохтани тухфа ба ҳимоягарони Ватан – 1 соат........................................... 47
37. Шиносоӣ бо эҷодиёти халқ, меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ - 1 соат........ 47

38. Сохтани модели киштӣ - 1 соат……………………………………………………….. 48
39. Тасвир аз рӯйи мавзӯи «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон» - 1 соат……..………. 49
40. Корҳои ороишӣ - 1 соат………………………………………………...………. 49
41-42 Сохтани симои қаҳрамони афсонаи халқӣ ва шакли бозичаҳо аз матоъ - 2 соат........................................................................................................................ 50
43. Шиносоӣ бо марди ҳунарманд Алиаҳмад Вахонӣ – 1соат................................. 51
44. Сохтани зарф бо усули оҳардиҳӣ – 1 соат........................................................... 51
45-46. Туҳфа ба иди Модарон - 2 соат…………………………………………………. 52
47-48. Нигоҳубин рустанӣ ва сабзавот – 2 соат…………………………………… 53
49-50. Тасвир ва сохтани манзараи фасли баҳор – 2 соат......................................... 53
51. Сохтани сӯзангирак - 1 соат……………………………………………………… 54
52. Тасвир ва сохтани шакли пиёла – 1 соат………………………………………... 55
53. Сохтани модели парашут - 1 соат……………………………………………….. 55
54. Тасвир намудани намуди кӯҳсори диёр - 1 соат……………………………….. 56
55. Тасвир дар мавзӯи «Дарахтони мевадор» - 1 соат.............................................. 57
56-57. Сохтани шакли ҳайкалчаҳо аз пластилин – 2 соат……………………………… 57
58. Тасвири сабзавот – 1 соат……………………………………………………… 58
59-60. Тасвири табиат дар фаслхои гуногун – 2 соат................................................ 58
61-62. Тасвир аз асл. Тасвир ва сохтани гулҳои баҳор – 2 соат…………………….. 59
63. Тасвир ва сохтани шакли тайёра ва чархбол – 2 соат.......................................... 60
64-65. Тасвир ва сохтани макет дар мавзӯи манзараи мактаб – 2 соат...................... 61
66 – 67. Суҳбат дар мавзӯи «Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон». Тасвир ва сохтани «Кабӯтар рамзи сулҳ» - 2 соат........................................................................... 61
68. Дарси ҷамъбастӣ дар мавзӯи: «Тасвири табиат бо хаёлоти кӯдакона» - 1соат.... 62
Адабиёт ........................................................................................................................ 63

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим - омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни “Санъат ва меҳнат” аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни “Санъат ва меҳнат” барои синфи ду ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни “Санъат ва меҳнат” дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни “Санъат ва меҳнат”- ро фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ - ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот) - ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои

таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

– Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

– Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

– Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо сарварони муассисаҳои таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;

– Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маориф ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои Шумо ниёз дорем);

– Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

## СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ

## I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

### 1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои дахлдори соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқараркардаи стандарти фаннӣ мебошад. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Лавҳи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ – ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил мёёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро донист иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – ( калимаи итолиёӣ), маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳо (муваффақиятҳо)- яшро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи

ташкили чараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул) - и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Акварел** – рангест (одатан ширешдор), ки дар об ҳал шуда, бо об ба осонӣ шуста мешавад.
Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшании ранг буда, хосияти коғаз ва тозагии вай аз байни он намудор шуда меистад.

**Аппликатсия** – асари бадеие мебошад, ки бо роҳи часпондан, дӯхтани коғаз, матоъ ва маводди дигар ба болои маводди якранга ва ҳархела иҷро карда мешавад.

**Андозаи сегона** – ба таври дигар онро «абъоди сегона» меноманд. Ин истилоҳ се андозаро дар назар дорад: арз, тӯл, заҳомат (яъне дарозӣ, бар, ғафсӣ). Ин андозаҳо дар асарҳои муҷассамасозӣ, санъати ороишӣ ва рассомӣ ба назар мерасад.

**Барелеф** – нақши нимбарҷаста, тасвири нимбарҷаста. Нақш ё тасвире, ки аз сатҳи замин ба миқдори ними ғафсӣ (ё баландии) ашёи мавриди тасвир берун баромадааст.'
Масалан, тасвир ё нақши чизе дар рӯйи санг, оҳан ва чӯб.

**Гил** – ҷинсҳои таҳшини мулоиманд, ки аз минералҳои гилин таркиб ёфтаанд. Гил барои тайёр намудани маснуоти сафолин истифода бурда мешавад.

**Гуаш** – рангест, ки дар об ҳамроҳи ширешу белил омехта карда шудааст. Онро асосан барои кашидани расмҳо дар коғаз, шоҳӣ ва ғайра истифода мебаранд, ки вай ба расм ранги хира медиҳад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон андоза хурд ба назар мерасад, ҳар як қадар ба мо наздик бошад, ҳамон миқдор калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ин хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Замина** – мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки рӯйи он расм мекашем санг фулӯз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки дар рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Инъикоси мусовӣ** – яке аз тарзҳои тасвир. Дар муқобили худ айнан такрор шудани нақш ё тасвир. Яъне, ба шакли симметрӣ рӯ ба рӯйи ҳамдигар якхела ё қисматҳои якхелаи қарор гирифтани нақш.

**Интерйер** – ороиши бадеии меъморӣ буда, барои зебу зинати дохили мактабҳо, синфҳо ва биноҳо истифода мешавад.

**Кулолӣ** – аз калимаи юнонии «керамос» - «гил», ки номи яке аз маҳалҳои Афина мебошад ва дар онҷо кулолон Керамик зиндагӣ мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Баъдтар аз он «кулолӣ» (як навъи санъат) - маснуоти аз гили сӯхташуда пайдо шудааст.

**Колорит (обуранг, тобиш)** – хусусияти умумии рангҳо, таносуби ҳамаи рангҳо ва ҷилоҳои он дар асарҳои бадеӣ, ки ягонагии эҳсоси рангҳоро ба вуҷуд меоранд.

**Композитсия** – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ ва иловагӣ дар шакли интихобкардашуда.

**Манзаранигорӣ** – як навъи санъати рассомист, ки дар он манзараҳои гуногуни табиат ва шаҳру деҳот тасвир мешавад. Рассомеро, ки чунин расмҳои манзаравиро меофарад, манзаранигор меноманд.

**Маркази тарҳ (ё тасвир)** – тасвири симо, пайкар ё ашё, ки нисбат ба унсурҳову ҷузъиёти дигари мусаввара бештар таъкид шудааст ва дар сохти мусаввара мавқеи марказӣ дорад.

**Мозайка** – як навъи санъати монументалӣ ва амалии ороишист, ки ба тоҷикӣ хотамкорӣ меноманд ва дар хунари тоҷикон аз қадимулайём маьмул аст. Осори хотамкорӣ бо истифодаи маводди мухталиф аз қабили кошиҳои гуногунранг, сангҳои ранга ва ғайра офарида мешавад. Хотамкорӣ дар осори меъмории устоҳои ҳунарманди мардуми Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Панҷакент ва дигар шаҳрҳои қадимаи мо ба таври фаровон истифода шудааст.

**Натюрморт** – аз калимаҳои франсавии «натур» - асл, табиӣ ва «морт» - шакл.

1. Тасвир аз рӯйи асл бо рангҳо.
2. Мусаввараe, ки меваю ашё, ҷинсҳои берӯҳу беҷонро тасвир менамояд.

**Нақши муқаррар** – нақши такрор, нақше, ки аз ибтидо то интиҳо бо тамоми унсурҳои худ айнан такрор мешавад ва тарҳи мукаммали ороиширо ба вуҷуд меорад. Масалан, ҳошия ё шероза ба ҳамин тариқ ҳосил мегардад. Ин истилоҳро ба русӣ «раппорт» гӯянд.

**Нақша** – дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ» - ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад. Он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чи дуртар тасвир гардидааст, мавқеи сонӣ ё мавқеи дуввум ном мегирад ва амсоли он.

**Наққошӣ** – як намуди фаъолияти тасвирист. Ин гуна асарҳо ба воситаи рангҳое, ки ба болои чизе мемоланд, сохта мешаванд.

**Намоиши бадеӣ (выставка)** – ташкили намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон, наққошон ва дигар ходимони санъати тасвирӣ мебошад.

**Натура (асл)** – дар санъати тасвирӣ ҳама гуна ҳодиса, воқеа ва ашёе, ки рассом бевосита аслро мушоҳида намуда тасвир мекунад, натура (асл) номида мешавад. Ҳамчун қоида фақат этюд, қайдҳои хомакӣ, лавҳа, портрет ва баъзан пейзажро аз асл мекашанд.

**Расми хомакӣ (набросок)** – лоиҳаи расмҳои начандон калонҳаҷм, сатҳӣ ва тез кашидаи рассом.

**Вазифаи асосии расмҳои хомакӣ** – мушоҳидаҳои ҷудогонаро қайд кардан аст; характери таносуб ва ҳаракат, характери муносибат ва мутоқибату алоқамандии рангҳо.

**Орнамент** – аз калимаи лотинии «орнаментум» - «ороиш» гирифта шуда, маъноаш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии элементҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашё ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва муъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд намудҳои нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (рустанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат низоми нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.

**Палитра** – тахтачае, ки рассом дар болои он рангҳои тозаи худро мегузорад, ҳангоми кор онҳоро бо ҳам омехта мекунад, то ки ранги лозимаро ҳосил намояд.

**Таносуб (пропорсия)** – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани таносуб (пропорция ) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Портрет (симо)** – ба ин жанр асарҳои санъати тасвирӣ, ки дар онҳо симои одами алоҳида ё гурӯҳи одамон акс ёфтаанд, дохил мешавад.

**Пейзаж** – калимаи франсузии «пейзаж», маънои «табиат» - ро дорад. Дар санъати тасвирӣ жанреро чунин меноманд, ки ба align азнавбарқароркунии табиат бахшида шудааст.

**Пероя** – ороиш ва зинатҳои заргарии занону духтарон аз қабили гӯшвора, ангуштарин, дастпона, сӯзани қубба, гули сина ва ғайра. Ҳамаи инро перояҳои занона мегӯянд.

**Расм** – тасвир ва кашидани расм дар сатҳи асосии графика мебошад. Ин бо ёрии хатҳои контурӣ, раххо, доғҳои равшану хира бо як ё якчанд ранг асосан дар коғаз иҷро карда мешавад; бо қалам, перо, мӯқалам, ангишт ва ғайра кашида мешавад. Хелҳои асосии расмҳои бадеӣ: расмҳои дастгоҳӣ, эскиз, тасвир аз рӯйи асл ва ғ.

**Расмкашӣ аз рӯйи мавзӯъ** – расмкашӣ дар мавзӯи додашуда.
**Расмҳо (картина)** – ин асари санъати тасвирии дастгоҳӣ буда, мақсадро чуқур ва ҳақиқатнигорона таҷассум мекунад. Мафҳуми расмҳо, пеш аз ҳама ба асарҳои характери сюжетӣ дошта мувофиқ меоянд, ки асоси онҳоро тасвири амалиёти одамон ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.
**Ранг** – воситаи асосии таъсирбахши расм. Ба рассом лозим аст, ки ранг, ҷило ва мувофиқати онҳоро бо тезӣ ҳис кунад ва илмеро, ки рангшиносӣ меноманд, аз худ намояд. Ба ин ё он ранг баҳо дода, баъзан калимаи «гарм» ё «хунук» - ро истифода мебаранд. Ба гурӯҳи рангҳои «гарм» рангҳои сурх, норинҷӣ, зард ва ба гурӯҳи рангҳои «хунук» рангҳои осмонӣ, кабуд, бунафшро дохил мекунанд.
**Рангоб** – маҳлули оҳармонанд аст, ки аз гилмоя ҳосил мекунанд. Он ба сатҳи ашёи сафолӣ молида мешавад. Ин маҳлул ба мақсади пинҳон кардани ранги гили зарф ва тайёр намудани заминаи рангмолӣ истифода мешавад. Он сафеди тираранг аст.
**Сияҳқалам** – тасвирҳое, ки бо қалам ё истифодаи ранги сиёҳу туш нигошта мешаванд (графика).**Санъати ороишӣ – амалӣ (дастӣ)** - санъати сохтани ашёи маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетики бадеӣ мебошад ва натанҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.
**Сохтан** – гил ё пластилин маводди хубе барои сохтан мебошанд. Онҳоро бо ҳаракати камтарини панҷаҳо тағйир додан мумкин аст. Бо панҷаҳо кор карданро одат намудан муҳим аст, зеро панҷаҳо асбоби беҳтарин ва ивазнашаванда мебошанд. Белчаро (тахтачаи чӯбини нӯгаш ҳамвори гуногуншакл) танҳо барои кор кардани қисмҳо истифода мебаранд. Корҳои нотамомро бо латтаи тар пӯшонидан лозим аст.
**Тазод** – яке аз воситаҳои ифодаи бадеӣ дар санъати рассомӣ, ки ба василаи он бархӯрди таъсирбахши сояву равшанӣ, тазоди рангҳои тираву назаррабо ҳосил мегардад.
**Тарсим** – амали расмкашӣ. Ин амал пеш аз рангу бори расм анҷом дода мешавад.
**Тарроҳии бадеӣ** – навъи фаъолияти ҳунарӣ, ки аз таҳияи тарҳи маҳсулоти саноатии дорои хосиятҳои эстетикӣ иборат аст ва ба ибораи дигар дизайн мегӯянд.
Шахсе, ки чунин амалро анҷом медиҳад, тарроҳ меноманд.
**Тартиб додани нақшаи бадеӣ (дизайн – зебосозӣ)** – намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.
**Фон** – қафои фазоии нақшаи расм.
**Фломастер** – асбоби хатнависӣ ва расмкашӣ мебошад, ки рангаш аз дохили он ҷорӣ мешавад.
**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маъноаш "зебоӣ" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.
**Этюд** – калимаи франсузӣ буда, маънояш "пешакӣ" мебошад. Расме, ки мақсади асари бадеӣ дар муддати кӯтоҳ ба тарзи хомакӣ кашида мешавад.
**Эскиз** – калимаи франсузӣ буда, маънои "тарҳ"- ро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом иҷро кардаро меноманд.
**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.
**Штирх** – хате, ки расом бо як харакати даст мекашад.
**Конструксия** – (калимаи лотинии constictio) - тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани шаклҳои асосӣ.
**Жанр** – калимаи франсавӣ буда ба гурӯҳҳо тақсимшавии ҳамаи намудҳои санъат мебошад, ки таърихан сурат гирифтааст. Масалан, дар санъати тасвирӣ асарҳо дар мавзӯъҳои маишӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, натюрморт ва ғайра.

### 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои хонадагони синфи 2 дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7 - и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

Доираи татбиқи стандарти фанни санъат ва меҳнат хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба - кафедраҳои таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат) - и хонандагони синфи ду дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

### 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдодӣ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ) - и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати

онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

**Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар**:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
- хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк намоянд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малака ҳама ростқавл бошанд;
- нокоми дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

- **ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.
- **ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.
- **инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.
- **алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ваояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- **омӯзиш дар тули ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз,“Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тули ҳаёт тақозо мекунад.
- **арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни санъат ва меҳнат

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва стратегияи миллии рушди маорифи ҷумҳурии тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти амалӣ дошта, дар талабагон имконияти ташаккули одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомиро медиҳад, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мекунад.

Мақсади асосии таълими фанни санъат ва меҳнат аз инҳо иборат аст:

- Муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат) - хонандагон аз фанни санъат ва меҳнат;
- Ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни санъат ва меҳнат;
- Муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни санъат ва меҳнат мувофиқи талабот ва мувофиқат ба инкишофи синнусолии хонандагон.
- Мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона гардида, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор намояд;
- Бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- Мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;
- Мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;
- Тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;
- Шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати графикӣ ва ташаккули малакаю маҳорати тасвири графикӣ;
- Дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;
- Омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизмат;
- Инкишофи қобилияти амалӣ, фикр ва эҷод.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни санъат меҳнат ба меҳнат ва зебопарастӣ омода кардани хонандагон мебошад ва ин аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хоса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои одитарини меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, расм кашидан, фаҳмиши рангҳо, сохтани шакли ашё аз қисмҳои додашуда, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ, эҷод намудан, иҷрои амалҳо ва арзёбӣ мебошад.

– вазифаҳои асосии таълими фанни санъат ва меҳнат инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
– дарки зарурати меҳнат ва олами санъати тасвирӣ дар зиндагӣ;
– ташаккули қобилияти эҷодию тахайюли бадеии талабагон;
– шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
– омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш;
– шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои марбут ба меҳнати дастӣ ва санъати тасвирӣ;
– дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва санъати тасвирӣ;
– тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
– тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

**МАВҚЕИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ ДАР НАҚШАИ ТАЪЛИМ**

Фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2-юм дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи «Технология (таълими меҳнат)» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 68 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **3** | 2 | 34 | 68 |

Санъат ва меҳнат ҳамчун ҷузъи зебопарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкорӣ омӯзонад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодию созандагӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни санъат ва меҳнат бедор намояд. Ҳангоми дарси санъат ва меҳнатхонандагон инчунин бояд қобилияти рассомӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои бофандагӣ, рассомӣ, моделсозӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатӣ омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

**II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ**

Фасли мазкури стандарти фанни санъат ва меҳнат хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро азхуд карда, ташаккул медиҳад.

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛ, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**

2.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври содда истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти эҷод:**

2.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**

2.3.1. Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛ, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**

2.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- қалам ва муқаламро идора карда метавонад;
- шаклҳои гуногуни геометриро тасвир карда метавонад;

– ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг(краска) – и гуашро истифодабурда, вазифаҳои онро фарқ карда метавонад;
– рангҳоро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
– дар асоси намуна расмҳои одиро ба монанди гул, ҳайвонот, меваҳои гуногун амсоли онро тасвир карда метавонад;
– расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва муқалам ранг карда метавонад;
– аз гил ва пластилин ашёи гуногуни сода (меваҳо, ҳайвонот, одам ва амсоли онҳо) - ро сохта метавонад;
– аз маснуоти табиӣ ва ашёи гуногун (тугма, чормағз, лубиё, баргҳо, сангчаҳои гуногун) бозичаҳои гуногуни сода сохта метавонад;
– аз коғаз ва картон табрикномаҳо ва манзараҳои сода сохта метавонад
– ширешро дуруст истифода бурда метавонад;
– қайчиро истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, коғаз ва картон қолабҳои гуногуни сода бурида метавонад);
– коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври маҳдуд истифода бурда метавонад.
– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии маъмул ҳангоми кор бо асбобҳо ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;
– мафҳумҳои фан (тасвир, симо, қолаб, манзара, макет ва ғ.) - ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад.

**Салоҳияти эҷод:**

2.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– ба олами атроф (ашё, табиат, манзараҳо) нигоҳи эъҷодии сода дорад;
– ақида ва нигоҳи худро бо воситаҳои санъати тасвирӣ ба таври сода иброз менамояд;
– дар доираи мавзӯъҳои тахаюлӣ ғоя (идея) - ҳои содаро эъҷод намояд ва онро шарҳ медиҳад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**

2.3.1. Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– намунаҳои маъмули санъатро ба таври сода таҳлил ва тафсир менамояд;
– намунаҳои эҷодиёти миллии кишварро ба таври сода муқоиса ва таҳлил мекунад;
– муносибати худро оид ба санъати тасвирӣ ба таври сода шарҳ медиҳад;
– баъзе намудҳои меҳнатро медонад ва онро қадр менамояд.

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ - АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | м | О | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | ▯ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | ▯ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | ▯ | | |
| Тобовар аст | | ▯ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | ▯ | |
| Таҳаммулпазир аст | | ▯ | |

мунтазам
одатан
баъзан

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳамкорӣ менамояд | |  | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад |  | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | |  | |
| Фаъол аст | |  | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад |  | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикррониии дараҷаи баланд дорад | |  | |
| Эҷодкорӣ | |  | |

### 2.4. Нишондиҳандаи хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ шахсан кӯшиш менамояд. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯй аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноии ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром менамояд. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Ҳангоми бо дигарон кор кардан ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳамалпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯйистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳмгузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |

| | |
|---|---|
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни санъат ва меҳнат омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи ба нақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2-юм

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" ва "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба Шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва

раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошташавадро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амали сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк намоянд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба“оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк намояд ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат барад.
-

### 3.3. АЛОҚАМАНДИИ БАЙНИФАННӢ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин фоидае, ки аз истифодаи

алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқамандии байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Намунаи алоқамандии байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст, ки омӯзгор дар синф бо хонандагон бозии “Танграм”- ро мегузаронад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ба расми дар таҳтаи синф буда назар намоянд. Бо хонандагон оид ба расм суҳбат ташкил мекунад ва ҷараёни эҷодкорӣ оғоз мегардад.

*Бозии «Танграм»*. Бо рафиқатон аз рӯйи квадрати мазкур расмҳоро тартиб диҳед:
а) Коғаз ё картонро бо шакли квадрат буред.
б) Аз рӯйи расми 1 онро тақсим карда, шаклҳои геометриро ҳосил намоед.
в) Аз шаклҳои бурида расми ягон ашёро созед.




( расми 1)



Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:
1) Шиносоӣ бо бозии «Танграм» (забони тоҷикӣ);
2) Ҳисоб кардани миқдори расмҳо (математика);
3) Кор бо шаклҳои геометрӣ (забони тоҷикӣ – гуфтан);
4) Муқоиса кардани расмҳо (математика).

Дар асл ҳангоми таълими ҳамагуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Дар ин ҳолат омӯзгори соҳибтаҷриба кӯшиш мекунад, ки мавзӯъро фаро якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи ба нақшагириро тақозо мекунад.

## IV. Методикаи таълими фанни санъат ва меҳнат дар синфи 2-юм

Фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ таълим дода шуда, таълими якҷояи фанҳои пештараи санъати тасвирӣ ва таълими меҳнат - ро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисмати 2 меҳнат ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ

ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани таҷҳизот ва маводди кор, дуруст, максаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъат ва меҳнат хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд, ки аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи мактаби маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу рассомӣ фанни мазкур ба чор самти зерин таксим карда шудааст:

- Корҳои тасвирӣ;
- Кор бо коғаз ва картон;
- Кор бо маводди табиӣ ва пластилин;
- Кор бо ришта ва матоъ.

**Методикаи таълими корҳои тасвирӣ**

Тавассути расмкашӣ дар хонандагон хаёли эҷодӣ ва тафаккури аёнӣ -- образӣ инкишоф дода мешавад. Корҳои тасвириро шартан ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Тасвир аз рӯйи мушоҳида.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мушоҳида бештар қобилиятҳои дуруст интихоб карда тавонистани ранг, бо мутаносиби дуруст ва монанд тасвир кардани ашё аҳамият дода шавад. Ҳангоми таълим додан аз рӯйи мушоҳида кӯшиш бояд карда, ки ҳар як қадами тасвирро дар тахтаи синф нишон дода, тарзи дуруст тасвир кардани он шарҳ дода шавад. Дар ин намуди дарс хонандагон бояд ҳарчи зиёдтар ба кори омӯзгор монанд тасвир карданро омӯзанд. Барои ҳамин ҳар як қадами омӯзгор бояд аз сода ба мураккаб буда, равшан ва фаҳмо бошанд, инчунин, қобилиятҳои синну солии хонандагон ба назар гирифта шаванд.

**Тасвир аз рӯйи мазмуни матн.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мазмуни матн хонандагон он чизеро, ки аз хондани матн фаҳмидаанд тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор ба хонандагон роҳнамоӣ намекунад. Яъне ин намуди фаъолият бештар ба эҷодкории хонанда равона мешавад. Танҳо расм бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунад ва хонанда расми тасвиркардаашро шарҳ дода тавонад. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, бадеӣ, ё афсонаҳо интихоб кардан мумкин аст.

**Нақл эҷод кардан аз рӯйи расм**. Ин намуди фаъолият ҳам аз эҷодкории хонанда вобаста мебошад. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи як расм нақл эҷод карда, ба хонандагон ҳамчун намуна фаҳмонад. Сипас метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, супориш диҳад, ки аз рӯйи расмҳои гуногун нақл эҷод намоянд. Дар ин намуди фаъолият хонандагон дарк кардани мазмуни расмҳоро ёд мегиранд.

**Тасвири озод аз образҳо (тасаввурот).** Дар ин намуди фаъолият хонандагон пурра аз хаёли худ расм тасвир менамоянд. Омӯзгор метавонад танҳо мавзӯъро пешниҳод намояд. Масалан, мавзӯи «Тоҷикистон дар ояндаҳои дур». Хонандагон хаёлан Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, расми онро тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор бояд бештар ба тасаввурот ва қобилияти эҷодии хонанда диққат диҳад, на ба малакаи рассомии ӯ. Яъне расм зебо ҳам набошад, бояд вай ягон ғояи нав дошта бошад. Инчунин, хонанда расми эҷодкардаашро шарҳ дода тавонад, ҳангоми арзёбӣ аз тарафи омӯзгор ба назар гирифта шавад.

**Тасвир ҳамчун ороиш.** Дар ин намуди фаъолият тамоми намуди тасвирҳо ва рангкуниҳо бо мақсади оро додан истифода бурда мешаванд. Масалан, нақшу нигорҳо, рангин кардани ягон чизи худсохт ва ғ. Омӯзгор моҳияти оро доданро фаҳмонда, чӣ тарз оро додани баъзе ашё масалан, чойнику пиёларо нишон медиҳад.Хонандагон мустақилона аз хаёлоти худ нақшу нигорҳоро эҷод менамоянд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- Муайян ва тафсир намудани салоҳиятҳои тасвир кардан;
- Интихоб ва истифода бурдани методҳои мувофиқ барои ташаккули малака ва маҳорати тасвир кардан;

- Ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2-юм дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо коғаз ва картон**

Аз лаҳзаҳои аввали таълими фанни санъат ва меҳнат моро лозим меояд, ки оид ба намудҳои гуногуни коғаз мавқеъ, сифат ва аҳамияти он маълумот диҳем. Донистани хусусиятҳои коғаз ба шахс имконият медиҳад, ки онҳо меҳнати дастии худро бо сифати баланд иҷро намоянд. Ба намудҳои коғазу картон нигоҳ карда истода, ба хонандагон сифатҳои асосии картонро фаҳмондан зарур аст. Картон ҳам мисли коғаз ғафс, тунук, ҳамвор, сахт, дурушт, дағал, қатшаванда, қатнашаванда, тезшикананда, ҷилодор ва ранга шуда метавонад. Донистани сифатҳои коғазу картон таассуроти шахсро бой мегардонад.

Дар коғаз, пул, китоб, дафтар, албом,чипта, расм, харита ва ғайра чоп мешавад. Коғази зардеворӣ барои ороиши хонаҳо истифода бурда мешавад. Дар коғази аксчопкунӣ суратгир акс чоп мекунад. Коғази чиндор барои сохтани гулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Умуман коғаз дар ҳамаи соҳаҳо васеъ истифода бурда мешавад ва дар дунё маводди дигаре мисли коғаз нест, ки дар ҳамаи соҳаҳо муҳим бошад.

Сарфакорона истифода бурдани коғазу картон ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо коғаз ва картонро ба кӯдакон фаҳмондан зарур мебошад. Ҳангоми фаъолияти бо картон бештар усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

**Сохтан бо роҳи буридан, ширеш кардан.** Ин намуди фаъолият бо истифода аз қайчӣ ва ширеш ба роҳ монда мешавад. Масалан, сохтани қуттичаҳо, макетҳо, хоначаҳо, мошинҳо ва ғ. Яъне дар сохтани ин намуди ашё, албатта қайчӣ ва ширеш истифода бурда мешаванд. Омӯзгор сохтани онро бояд қадам ба қадам нишон дода, ба тарзи дуруст иҷро намудани қадамҳо аз тарафи хонандагон назорат барад ва ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд, кумак расонад ё ба назди хонандаи нисбатан фаъолтар шинонда, ба ӯ вобаста кунад.

**Сохтан бо роҳи қаткунӣ (усули оригами).** Дар ин намуди фаъолият қайчӣ ва ширеш тамоман истифода бурда намешаванд. Яъне фаъолият танҳо бо усули қат кардани коғаз иҷро карда мешавад. Ин намуди фаъолиятро ҳам омӯзгор бояд қадам ба қадам ба хонандагон нишон диҳад. Инчунин омӯзгор тарзи аз рӯйи схемаҳо сохтанро ба хонандагон омӯзонад. Мазмуни хатчаҳо ва тирчаҳоро фаҳмонад.

**Гулмонӣ (апликатсия) аз коғаз.** Ин намуди фаъолият бо роҳи буридан ва ширеш кардан истифода бурда мешавад. Фарқияти ин усул аз усули якум дар он аст, ки дар ин намуди фаъолият ашё сохта намешавад, балки тавассути он манзараҳои зебо ё гулҳо омода карда мешаванд. Яъне, аз як намуди коғаз гул барг ё ягон ашёи дигарро бурида, ба коғази дигар ширеш карда мешавад.

Масалан, омӯзгор якчанд намуди омода намудани гулҳоро зина ба зина ба хонандагон нишон дода, сипас ба онҳо супориш медиҳад, ки худашон ягон тасвири гулро эҷод намоянд. Супориш бояд ба қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад.

**Сохтан бо усулҳои омехта.** Дар ин намуди фаъолият ҳама намуди амалиёт бо коғаз якбора истифода бурда мешаванд. Ин фаъолият бештар барои омода намуди табрикномаҳо, бозичаҳо ва ашёи ороишӣ аз коғазу картон истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо ҳам усули буридану ширеш кардан ва ҳам усули қаткуниро якбора истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор намунаҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон медиҳад.

**Усули оҳардиҳӣ.** Ин усул васл кардани коғаз бо оҳар (хамира), ё ширеш мебошад. Бо ин усул зарфҳо, шакли меваю сабзавот, суроби ҳайвонот ва парандаҳоро низ сохтан мумкин аст. Ҳангоми омӯхтани ин усул қадам ба қадам тарзи васл намудани коғазро ба хонандагон нишон диҳед. Ин намуди фаъолиятро хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳҳои хурд иҷро карда метавонанд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо коғаз бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;

- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо пластилин ва маводди табиӣ**

Ба маснуоти табиӣ барги гул, чӯбчаҳои дарахтон, ҷалғӯза, пӯчоқи чормағз, писта, зироатҳо, сангчаҳо ва ғайра дохил мешаванд. Ин намуди фаъолият барои инкишофи тафаккури эҷодӣ ва моторикаи хурд (ҳаракати панҷаҳо) - и кӯдак мусоидат менамояд.

**Аз пластилин ва маводди табиӣ сохтани бозичаҳо ва ашё.** Ин намуди фаъолиятро бо роҳҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Мо метавонем танҳо аз маводди табиӣ ашё созем, ё роҳи дигараш, истифода бурдани пластилин ва маводди табиӣ дар якҷоягӣ.

Ин намуди фаъолият низ дар шакли қадам ба қадам омӯхтан сурат мегирад. Шумо метавонед, хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ супоришҳои гуногун диҳед. Масалан, як гурӯҳ метавонад сабзавот, гурӯҳи дигар меваҳоро созанд .

**Апликатсия бо пластилин, ғалладонаҳо ва сангчаҳо.** Ин усулро бештар дар болои картон истифода бурдан мумкин аст. Шумо метавонед, бо тамоми намуди зироатҳо, пластилин сангчаҳо ва ҳатто макарон манзараҳо ва расмҳои зеборо омода намоед. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор баъзе намунаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад. Сипас, онҳо худашон бо ин усул манзара ва расмҳои навро эҷод менамоянд. Ин усулро бо мақсади оро додани ягон ашё ҳам истифода бурдан мумкин аст. Масалан, бо ғалладонаҳо, ё сангчаҳо кӯза, табақ ва чойникро бо усули ширешкунӣ оро додан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо пластилин ва маводди табиӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 2-юм дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ**

**Маълумот дар бораи матоъҳо**

Усулҳои тайёр намудани матоъ ба одамон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маъмул аст. Кофтуковҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар асрҳои **XV-и** пеш аз мелод ба бофандагӣ, яъне тайёр кардани матоъ машғул буданд.

Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ амалӣ гардида, танҳо дар асрҳои миёна бо истифода аз технологияи нав рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз дуку чарха то дастгоҳҳо, аз дастгоҳҳо то техникаи одӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуд.

Маснуоти асосии корҳои бофандагӣ: пахта, мӯина, пилла, зағирпоя, канаб, бангдона, чут (гиёҳест, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва аз он матоъҳои дағал ва ресмону банд тайёр мекунанд) ва ғайра. Аз моддаҳои кимиёвӣ низ матоъ тайёр мекунанд.

Матоъ вобаста ба маснуоти кор ба навъҳои аслӣ ва сунъӣ ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи матоъҳои аслӣ матоъҳое дохил мешавад, ки аз наххҳои табиӣ ( яъне аз пахта, пилла, мӯина, зағирпоя, канаб, бангдона) бофта шудаанд. Суф, чит, сатин, шоҳӣ, атлас барин матоъҳо аз наххҳои табиӣ бофта мешаванд.

**Матоъ мувофиқи тартиби зайл тайёр мешавад:**

а) маснуъоти бофандагиро кишт, парвариш ва тоза мекунанд;
б) калоба мекунанд;
в) аз калоба ресмон мересанд;
г) аз ресмон матоъ мабофанд.

**Фарқият ва монандии коғазу матоъ**

Муаллим ба хонандагон оид ба якчанд фарқияту монандии коғазу матоъ маълумот медиҳад:

- коғазу матоъ маводди тунуканд, ғафсии онҳо дар муқоиса бо бар ва дарозӣ беохир аст.
- коғазу матоъ маводеанд, ки аз наххо иборатанд, танҳо дар коғаз омехтаанд ва дар матоъ ба монанди тору пуд омадаанд.
- ҳангоми иҷрои корҳо бо коғаз ва ҳам бо матоъ қайчӣ истифода бурда мешавад.
- коғазу матоъ маводеанд, ки ба воситаи дӯхтан, ширеш кардан пайваст мешаванд. Агар лозим шавад дар болои коғаз ва матоъ расмҳои гуногун чоп мекунанд, ороиш медиҳанд ва рангубор мекунанд.

**Ҳангоми кор бо матоъ ба хонандагон қоидаҳои бехатарии истифодаи сӯзан, ришта ва қайчиро фаҳмондан зарур аст.**

**Пора кардан.** Буридани матоъ ҳам ба буридани коғаз монанд аст. Ҳангоми омӯхтани буридани матоъ тарзи дуруст қапидани қайчӣ, чен кардан бо ҷадвалро ба хонандагон омӯзонед.

**Гулдӯзӣ.** Ҳангоми омӯхтани ин усул аввал бо қалам дар рӯйи матоъ тасвир намудани нақшу нигорҳоро нишон диҳед, баъд тарзи дуруст дӯхтани онро нишон диҳед.

**Истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркорӣ.** Дар синфҳои ибтидоӣ омӯхтани тарзи эҷодкорона истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркорӣ натиҷаҳои хуб медиҳанд. Аз як тараф ин хароҷоти зиёдатиро талаб намекунад, аз дигар тараф хонандагон бо шавқи зиёд кор мекунанд. Масалан, аз ҷуроби нодаркорӣ ҳам бозича дӯхтан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо матоъ, коғаз ва дигар мавод бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълимии дар барномаи фанни зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

- бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;
- бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли хониш интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);
- бояд ба мақсадҳои таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, алоқаи мушаххас дошта бошад;
- мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда аз ӯ хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;
- воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);
- дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);
- дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;
- методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);
- қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);

– принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пай дар пай ва истифодаи самараноки вакт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

– роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;
– дурустӣ ва мувофиқати воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;
– натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом муаллим ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои талабагон оид ба фанни санъат ва меҳнат тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёби карда мешаванд.

1. **Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш**:

– саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошанд;
– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
– тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд;
– пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат намоянд.

*2. Фаъолияти кори мустақилонаи талабагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд*:

– *маҳорати истифодаи воситаҳои тасвир*;
– ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинами рангҳо;
– муҳайё намудани таҷҳизот ва маводди кор;
– риояи қоидаи бехатарӣ;
– сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;
– муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда;
– коршоямии маснуоти сохташаванда;
– дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни санъат ва меҳнат дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда "Портфолио"- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар портфолиои хонанда натиҷаҳои кори дастии ӯ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳангоми арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ лозим мешаванд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни "Санъат ва меҳнат", ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ) - ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**Иҷрои амал:** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранг, об, қайчӣ, сӯзан, матоъ ва ғ...)

**Эҷод:** вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

**Арзёбӣ:** вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намудҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

**Намунаҳои арзёбӣ:**

**Иҷрои амал**

Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранги обӣ, қайчӣ, сӯзан ва ғ...).

| |
|---|
| Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули "Супориш"**. Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.
Масалан:

1. Расми кӯзаро бо қаламии одӣ тасвир намоед.
2. Аз коғаз бо усули қаткунӣ (оригамӣ) қуттича созед.
3. Бо ранги обӣ ва мӯқалам баргҳои дарахтонро ранг кунед ва ғ...

<u>**Усули "Тест":**</u> Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.
Масалан:

1. Дар санъати тасвирӣ кадом гурӯҳи рангҳо асосӣ ҳисобида мешаванд?
   а) сурх, сафед, сиёҳ;
   б) кабуд, сурх, зард;
   в) сабз, зард, хокистарранг.

2. Воситаҳое, ки бо он рассом кор мекунад, интихоб намоед:
   а) арра, табар, бел.
   б) қалам, ранги, обӣ, мӯқалам.
3. Агар рангҳои зеринро бо ҳам омехта кунем, кадом рангҳо ҳосил мешаванд? ( (Ҷавобашро нависед):
   Сурх + кабуд =___________________
   Кабуд + зард =___________________
   Сурх + зард =____________________

**Усули "Шифоҳӣ".** Хонанда ба саволҳои муаллим шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.
Масалан, муаллим ашёро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онро мепурсад.

**Эҷод**

Вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат. Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав мебошад |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули "Расм ё амал аз рӯйи мавзӯъ..."** Хонанда аз рӯйи мавзӯъ ягон чиз эҷод менамояд (тасвир мекунад, месозад, медӯзад...).
Масалан:

1. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ расм тасвир намоед;
2. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ ягон чиз созед, омода намоед.

**Усули "Нақл аз рӯйи мазмуни расм".** Хонанда аз рӯйи мазмуни расм аз тасаввуроти худ ягон ҳикоя ё афсона эҷод менамояд.
Масалан:

1. Аз рӯйи мазмуни ин расм ҳикоя эҷод намоед.
2. Ба ин расм нигоҳ карда, афсона эҷод намоед.

**Арзёбӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намунаҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба он равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули "Арзёбӣ намудани кори худ".** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян намуда, мегӯяд.
Масалан, хонанда ягон расм тасвир менамояд ё шакли ягон ашёро месозад. Муаллим супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян намояд.
**Усули "Арзёбӣ намудани кори дигарон".** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои санъати тасвирӣ, меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба онҳо шарҳ медиҳад.
Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи санъати тасвириро мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва норасоиву бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад, ё не ва сабабаш дар чист.

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

- санҷиш бо мақсади ташаккул додани маҳорату малакаи хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ;
- саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошанд;
- супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани ҳисси зебоипарстӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд.

**НАҚШАИ ТАҚВИМӢ АЗ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-Юм**
**(ҲАФТАЕ 2 СОАТ. ҲАМАГӢ 68 СОАТ)**

| Соатҳо | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | Май | | | Июн | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафта** | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

## РОҲНАМОИ ОМӮЗГОР АЗ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-юм НИМСОЛАИ I

### 1. Тасвир ва сохтани шакли Парчами миллӣ -1 соат.

**Барнома**. Маълумот дар бораи Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистон. Рангҳои парчам. Таҳлили мазмуни рангҳои парчам. Тасвир намудани Парчами миллӣ бо истифодаи коғазҳои ранга, гуаш ва ранги обӣ. Аз маводҳои табиӣ сохтани шакли Парчами миллӣ. Намоиши байракчаҳои гуногуншакл. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди зарурият ва аҳамияти муқаддасотҳои миллӣ фаҳмиш пайдо намуда, фикру ақидаашонро баён кунанд ва калимаҳои заруриро шарҳ дода тавонанд;
- тарзи дуруси тасвир ва сохтанро мувофиқи мавзӯъ шарҳ дода тавонанд;
- дар варақ ё матоъ шакли Парчами миллиро тасвир карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба таълими мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1.Ҳангоми иҷро супориш муаллим оид ба муқаддасоти миллӣ (Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ) бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф бо истифодаи бӯрҳои ранга Парчами миллиро тасвир менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: Тасвир ва сохтани шакли Парчами миллӣ бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ.
4. Хулоса. Расмҳои тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ ва арзёбӣ намоед.
5. Вазифаи хонагӣ. Тасвир намудани шакли Парчами миллӣ.

**Арзёбӣ:** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- шакли Парчами миллиро дуруст тасвир ва месозанд.

### 2. Саёҳат – 1 соат.

**Барнома.** Интихоби макони саёҳат вобаста ба шароити зист (устохона, боғ, саҳро, заводу фабрика, майдони кишт, ҷангал). Таъкид намудани хонандагон оид ба бехатарӣ ва мушоҳидакорӣ. Ҷамъоварии маводди зарурӣ барои дарсҳои санъат ва меҳнат. Таассуроти саёҳат.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Равиши дарс:** Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим хонандагонро ба сайру тамошои табиат, атрофи мактаб, ки ба саёҳат рафта буданд хотирасон менамояд ва суҳбатро бо тарзҳои тасвири хатҳои графикӣ ва инчунин дар бораи барги дарахтон, манзараи табиати рангин оғоз мекунад. Муаллим барои равшан намудани мавзӯи дарси кори амалӣ аз хонандагон аҳамияти дарахт ва баргҳоро дар ҳаёти инсон пурсон мешавад. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф тарзи тасвирро бо хатҳои графикӣ якчанд намуди баргҳоро аз чиҳати таносуб шаклҳо тасвир менамояд.Хонандагон тасвирро аз назар гузаронида кори амалиро бо қалами одӣ, баъд бо ранги обакӣ акс менамоянд.

Кори амалӣ: Баргеро интихоб карда, аз рӯйи тартиби зерин онро тасвир созед:.
1. Бо ёрии хати ёрирасон нишон додани ҳаракати хати тасвир ва тарзи ҷойгиршавии расм дар рӯйи коғаз (расми 1).
2. Бо хатҳои нозук тасвир кардани шакли барг (расми 2).
3. Бо ранг тасвир кардан ва дуруст нишон додани тобиши ранегҳо (расми 3).
4. Бо ранги зард омехта кардани ранги сурх, то дараҷае, ки ранги торикро нишон дода тавонад (рами 4).

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравaнд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- баргро дуруст тасвир мекунанд;
- рангҳоро дуруст омехта карда, ранги торикро омода мекунанд.

### 3. Тасвири корҳои ороишӣ. (оро додани хонаи худ) – 1 соат

**Барнома.** Тасвири нақши нигор дар асоси эҷодкорӣ ва нусхабардорӣ аз хонаҳои гуногун ва намунаи нақшу нигорҳо иҷро карда мешавад. Иҷро ин супоришҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ ва мустақилона иҷро намудани нақшҳои гуногун инкишоф меёбад. Дар мавзӯи нақшу нигор иҷрои ороиши идона, гулдӯзиҳои либосҳо, ашёи рӯзгор, шакли хонаҳо ва дигар тарзҳои ороишро бо ранг иҷро мекунанд. Дар мавриди иҷрои нақшу нигор на танҳо тафаккури фазоии хонандагон инкишоф меёбад, балки ҳисси зебопарастӣ ва такмили тартиби кор ба фаҳмиши ранг ёрӣ мерасонад. Диққати хонандагонро бояд ба он равона созем, ки онҳо бо шавқу завқ ҳаракати фарқшаванда, таносуби рангҳо, зебогии аслиро дар корҳои ороишӣ моҳирона иҷро намоянд.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- фикри худро оид ба хонаҳои якошёна ва баландошёна баён карда тавонанд;
- фарқи хонаҳои якошёна ва баландошёнаро донад ва гуфта тавонанд;
- хонаҳоро тасвир ва оро дода тавонанд;
- хонаи худро гулмонӣ карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Тарзи иҷрошавии кори амалӣ аз сода ба мураккаб гузаштан. Аз шиносоӣ бо ҷузъҳои нақшу нигор вобаста бошад, чунин тарзи кор ҳангоми ороиши эҷодкоронаи нақшу нигор боз ҳам мураккабтар мегардад.

Муаллим барои аёният намунаҳои санъати ороиши амалӣ, аз қабили нақшҳои либоси идона, нақшу нигори офаридаи ҳунармандони халқиро ба хонандагон намоиш медиҳад. Хонанда аз тамошои намуна аллакай оиди ороиши амалӣ, истифодаи ранегҳо дар нақшу нигор тассавуроти пурра пайдо менамоянд. Муаллим аз хонандагон мепурсад, ки бачаҳо, тасвири нақшҳо аз чанд ранг иборат аст. Аз рӯйи расм хонандагон дар ибтидои кор намунаҳои нақшу нигорро иҷро мекунанд.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Дар тахтаи синф хонаи якошёна ва баландошёнаро тасвир намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хусусиятҳои фарққунандаи ин хонаҳоро номбар намоянд.
2. Дар албом хонаҳои якошёна ва баландошёнаро тасвир намоед ва онро бо қаламҳои ранга оро диҳед.
3. Пас корҳои худро ба рафиқатон нишон дода, кори якдигарро арзёбӣ намоед.
4. Вазифаи хонагӣ. Тасвири хонаи худ ва оро додани он.

**Арзёбӣ**. Шумо салоҳиятҳои тасвир ва оро додани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир ва оро додан ба кадом хатогиҳо роҳ доданд, дар дафтари арзёбӣ қайдҳо

кунед. Инчунин дуруст тасвир ва оро додани хонаҳоро санҷед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 4. Шаклу суробсозӣ бо ёрии ҷисмҳои табиӣ - 1 соат

**Барнома**. Суҳбат аз рӯйи расмҳои парандагон, ҳайвонот. Интихоби маводди корӣ ва мувофиқи хоҳиш сохтани ашё ва шакли парандаҳо. Бо воситаи маводҳои табиӣ сохтани шакли заврақ ва сангпушт. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- вазифаҳояшонро ҳамчун хонанда донанд ва онҳоро шарҳ дода метавонанд;
- ба фаъолияти худ баҳо дода метавонанд.
- аз маводҳои табиӣ шакли сангпушт ва заврақро сохта метавонанд.

**Равиши дарс:** Машғулият бо суханони омӯзгор ва аёниятҳои тайёркардашуда оғоз меёбад. Иҷрои ин вазифа якчанд қисмро дар бар мегирад: омода намудани бачагон ба дарс ва аз масолеҳи гуногун мустақилона дар синф сохтани шакли сангпушт ва заврақ.

Ҳангоми сайру гашт ва ё саёҳат бачаҳо мушоҳида масолеҳи гуногуни табии дар пайраҳаҳои назди деҳа, мактаб, боғҳо ва ҳавлӣ, синф онҳоро аз назар гузаронанд. Баргҳо, шохчаи дарахти чинор, чормағз, тут, хурмо, сафедор, зардолу ва ғайраро бо якдигар муқоиса мекунанд. Дар мавриди сохтани шаклҳои гуногуни парандагон аз ин масолеҳи табиӣ эҷодкорона истифода менамоянд.

1) Аз ҷисмҳои табиӣ шакли заврақ ва сангпуштро созед. Масолеҳи корӣ: пӯчоқи чормағ, пластилин ё гил, коғаз, чӯбча.
2) Чормағзро ба ду ҳисса кунед. Аз ҳиссаи асосӣ заврақ ва аз ҳиссаи дигараш косаи сангпуштро созед.
3) Кори амалӣ: Аз маводҳои табиӣ сохтани шакли парандаҳо (расмҳо).
4) *Вазифаи хонагӣ.* Сохтани шакли сангпушт.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонандагон бо навбат сухан мегӯяд;
- аз маводҳои табиӣ шакли сангпушт ва заврақро месозанд;
- бо ёрии пӯчоки чормағз шакли паранда ва моҳиро месозанд.

### 5. Сохтани гӯшаи «Ситорача» - 1 соат

**Барнома**. Суҳбат аз рӯйи гӯша ситорача. Интихоби маводди корӣ ва мувофиқи хоҳиш сохтани гӯшаи ситорача. Бо воситаи қаламҳои ранга, обӣ ва гӯшма оро додани гӯшаи ситорача Ҷобаҷогузории қисмҳо ва гӯша. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- вазифаҳояшонро ҳамчун хонанда донанд ва онҳоро шарҳ дода метавонанд;
- аз маводҳои корӣ гӯшаи “Ситорача”- ро сохта метавонанд;
- аз қаламҳои одӣ, ранга, гӯаш ва обӣ гӯшаи “Ситорача”- ро оро дода метавонанд.

**Равиши дарс:** Бо тарзҳои тасвири хатҳои равон ва инчунин бо нақли муаллим дар бораи тарзи тасвири мавзӯи дарс оғоз меёбад. Муаллим барои равшан намудани кори амалӣ ва тарзи мароқовар тасвир намудан дар рӯйи коғаз пурсон мешаванд. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф роҳои тасвирро бо хатҳои ёрирасон шакли аввали

“Ситорача”- ро аз чиҳати фарқияти тобишҳои гуногун тасвир менамоянд. Баъд хонандагон дар гурӯҳҳо ба кори амалӣ машғул мешаванд.

1. Гӯшаи ситорачаи сохтаатонро ба ёд оред. Кӯшиш кунед, ки қисмҳои ихтироъкардаи шумо зебову дақиқ бароянд.
2. Сохтани секунҷа, доирача ва чоркунҷа: (расмҳои секунҷа, доира, чоркунҷа).
3. Тасвири расмҳо аз рӯйи шаклҳои сохташуда ё бо усули ороишӣ зинат додани рӯйи онҳо (доирачаҳо):

Кори амалӣ: Ҷобаҷогузории қисмҳо ва сохтани гӯшаи “Ситорача”. Расми “Ситорача”

А) Сардор;
Б) Тозагӣ;
В) Гулпарвар;
Г) Варзиш;
Ғ) Китобдор.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонандагон бо навбат сухан мегӯяд;
- аз маводҳои табиӣ гӯшаи “Ситорача”- ро месозанд;
- бо ёрии рангҳо гӯшаи “Ситорача”- ро оро медиҳад.

## 6. Тасвири мева ва барг – 1 соат

**Барнома**. Мушоҳидаи меваҳо, фарқ намудани шакл, ҳаҷм ва ранги онҳо. Аз асл кашидани расми меваҳо ва баргҳо дар лаълӣ. Интихоби рангҳои мувофиқ. Эътибор додан ба тарзи ҷойгиршавии меваҳо ва баргҳо, фарқияти шакли онҳо, самти торикию равшанӣ дар расм.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- номҳои меваҳо ва онҳоро дуруст талаффуз карда тавонанд;
- тарзи дуруси тасвир намудани мева ва баргҳоро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- намудҳои мева ва баргҳоро гулмонӣ карда метавонанд.

**Равиши дарс:** Аз асл тасвир намудани мева ва баргҳо. Дар оғози дарс муаллим дар бораи мева ва баргҳои гуногуншакл, ки рангҳои фарқшаванда доранд, сухан меронад. Барои рӯшанӣ андохтани мавзӯъ аз хонандагон мепурсад, ки баргҳо чӣ гуна аз ҳам фарқ мекунанд ва чӣ тавр ҷойгир шудаанд. Оё онҳо шакли якхела доранд. Мева ва барги дарахтон дар кадом фасл зиёдтар ба назар мерасанд.

Муаллим ҳангоми сайру гашт дар табиат бо хонандагон хотиррасон мекунад, ки баргҳо чӣ гуна шаклҳои фарқкунанда доранд. Хонандагон баргҳои чинор, зардолу, себ, сафедорро, ки дар синф ҷамъ намудаанд, бо якдигар муқоиса мекунанд. Дар баробари ин тасвирҳои гуногуни асарҳои санъати тасвириро нишон додан мумкин аст. Муаллим метавонад барои натиҷабахш иҷро намудани кори амалӣ дар тахтаи синф баъзе мева ба баргҳоро тасвир менамояд.

Ин тарзи таълими санъати рассоми завқи бадеию эҷодкории хонандагонро баланд мекунад. Пас аз тасвир муаллим ба хонандагон хотиррасон мекунад, ки тасвири расмро бори дигар санҷанд ва бо мӯқалам корро идома медиҳанд. Санҷиши ранге, ки дар худ тобиши гуногунии рангро ба вуҷуд меорад, пас дар рӯйи коғаз онро истифода кардан мумкин аст.

1. Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим хонандагонро ба сайру тамошои табиат, мактаб, ки ба саёҳат рафта буданд хотирасон менамояд ва суҳбат мекунад.

2. Бо тарзҳои тасвири хатҳои графикӣ ва инчунин бо нақли муаллим дар бораи барги дарахтон ва меваҳо оғоз меёбад. Муаллим барои равшан намудани мавзӯи дарс аз хонандагон оид ба "Аҳамияти мева ва баргҳо"– ро дар ҳаёти инсон мепурсад.
3. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф тарзи тасвирро бо хатҳои графикӣ якчанд намуди меваҳо ва баргҳоро аз ҷиҳати таносубу шаклҳо мекашад.
4. Баъди якчанд дақиқа расмҳои тасвиршударо аз тахта пок мекунад ва хонандагон кори амалиро бо қалами одӣ, баъд бо ранги обакӣ акс менамоянд.
5. Хулоса. Расми тасвир намудаатонро ба хонандагон баррасӣ кунед.
6. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани шакли мева ва баргҳо.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон панҷ дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд ва як шакли мева ё баргро тасвир намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ кунед. Онҳоро пас аз дарс санҷед ва дар дафтари арзёбӣ оид ба малакаи тасвир намудан ва оро додани ҳар як хонанда қайдҳо нависед.

## 7. Тасвири табиати зебои тирамоҳи заррин – 1 соат

**Барнома**. Маълумот дар бораи фасли тирамоҳи заррин. Дар асоси мушоҳида тасвир намудани манзараи тирамоҳ. Рангубори мувофиқ, эътибор додан ба ҷойгиршавии ашё. Дуруст истифода бурдани рангҳо доир ба тирамоҳи заррин. Малакаи дарки зебоипарастиро инкишоф дода, зебопарастию хусусияти рангҳо ва тафаккури эҷодиро дар тасвир ифода кардан.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи фаслҳои сол маълумот дода тавонанд.
- оид ба манзараи тирамоҳи заррин рангҳоро муайян ва шаҳр дода тавонанд.
- манзараи тирамоҳи зарринро тасвир ва оро дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар тасвири манзара ҳам ба мисли кашидани расм аз асл, аввал тарзи умумӣ ва фарқияти ҷузъиёти гуногуни онҳоро нишон додан зарур аст ва сипас ҷузъиёти нисбатан хурди он бо тарзи эҷодкори тасвир мешавад. Тасвири расмро дар мавриди аввал аз хатҳои ҷуяндагӣ сар мекунанд, то ин ки зебоии аслии табиатро муайян кунанд. Ба муаллим зарур аст, ки диққати хонандагонро ба беҳтар ҷобаҷогузории расмҳо дар варақ ва ба ранги манзара монанд тасвир кардани он ҷалб намояд.

1) Муаллим ба хонандагон манзараи фаслҳои сол ва ҳамбастагии рангҳои табиатро хотиррасон менамояд.
2) Муаллим тасвирҳои манзаравии рассомонро, ки оид ба фаслҳои сол эҷод шудаанд, нишон медиҳад, саволҳои зеринро пешниҳод мекунад:
   - Рангҳои кадом тасвири манзара ба шумо маъқуланд?
   - Чаро манзараи тирамоҳро манзараи заррин меноманд?
   - Зебогии эҷодкориро шумо чӣ тавр мефаҳмед?
   - Кадом аз чор фасли сол ба шумо аз ҳама зиёдтар маъқул аст?
3) Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ягон манзараи тирамоҳи зарринро бо истифодаи қалами ранга ва гуаш тасвир намоянд ва оро диҳанд.
4) Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.
5) Вазифаи хонагӣ. Тасвири манзараи тирамоҳи заррин.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравaнд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- рангҳоро дуруст муайян мекунанд.

## 8. Тасвири парвози парандагон – 1 соат

**Барнома**. Маълумот оиди тасвир ва хаёлот. Ба хонандагон оиди парандагони хонагӣ ва саҳроӣ маълумот додан. Номбар кардани онҳо. Аҳамияти парандаҳо дар ҳаёти инсон. Иҷрои машқҳои тақлиди овозӣ: садоҳои булбул, зоғ, мурғ, мурғобӣ ва ғайра. Сохтани қафас барои парандагони хонагӣ ва нигоҳубини онҳо. Аз коғазҳои ранга ва маводҳои табиӣ сохтани шакли парандаҳо (мурғ, кабӯтар, гунҷишк, кабк, турна ва ғайра).

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- номҳои парандагонро донанд ва онҳоро дуруст талаффуз карда тавонанд;
- тарзи дурусти сохтани шакли парандаро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- парандаҳои хонагиро аз коғази ранга гулмонӣ карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Ҳангоми иҷрои кори амалбачагон мушоҳида мекунанд, ки манзараи табиат дар назди мактаб, атрофи он ва ё ҳавлӣ аз ҷиҳати рангҳо хеле фарқшавандаанд. Талабагон бори дигар тарзи парвози парандагонро, ки барои тасвир дар синф гузошта шудааст, аз ҷиҳати рангу шакл муқоиса менамоянд. Сипас бо хатҳои ёрирасон расмро тасвир мекунанд. Агар имконият бошад мушоҳидаи атрофи мактабро аз тирезаи синф назорат кардан мумкин аст.

Барои пешрафти корҳои амалӣ ба муаллим зарур аст, ки ба бачагон баъзе тарзу усулҳои композитсионӣ ва бо мӯқалам кор карданро хотиррасон кунад. Баъд аз ин муаллим тарзи ҳамбастагии рангҳои аслии ашёро, ки дар атроф тағйир ёфтаанд, хотирасон менамояд. Пас муаллим ба талабаҳо мефармояд, ки парвози парандагонро бодиққат аз назар гузаронанд ва дар варақҳои алоҳида тобишҳои зард, норинҷӣ ва сурхи рангҳои атрофро санҷанд. Ин санҷишҳо ва тарзи тасвирро аз расм оғоз кардан лозим аст.

1) Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим хонандагонро ба сайру тамошои табиат, мактаб, ки ба саёҳат рафта буданд хотиррасон менамояд ва суҳбат мекунад.

2) Намунаҳои шакли парвози парандаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад, ҳамчун асбоби аёнӣ.

3) Расмро тавре тасвир намоед, ки парвози парандагон дар ҳавои софу манзараи кӯҳсор аён бошад. Кӯшиш кунед, ки парандагон дар масофа ва ҳаракатҳои гуногун ба чашм бирасанд. Сипас бо рангҳои муносиб тасвирро ороиш диҳед.

4) Аз коғази ранга ва пластилин эҷодкорона истифода бурда, шакли парвози парандагонро месозед.

*5) Вазифаи хонагӣ*. Сохтани шакли парандаи дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз маводҳои табиӣ ва коғазҳои ранга шакли парандаи дӯстдоштаашро созад. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ кунед. Онҳоро пас аз дарс санҷед ва дар дафтари арзёбӣ оид ба малакаи сохтан ва оро додани ҳар як хонанда қайдҳо нависед.

## 9. Тасвири нақшу нигори миллӣ – 1 соат

**Барнома.** Тасвири нақши нигори миллӣ дар асоси эҷодкорӣ ва нусхабардорӣ ва намунаи нақшу нигорҳои миллӣ иҷро карда мешавад. Шиносоӣ бо намудҳои нақшу нигори миллӣ. Намудҳои нақшу нигори рустанигӣ, геометрӣ ва омехта. Фарқ карда тавонистани нақшу нигори миллӣ. Иҷро ин супоришҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ ва мустақилона иҷро намудани нақшҳои гуногун инкишоф меёбад. Дар мавзӯи нақшу нигор иҷрои ороиши идона, гулдӯзиҳои либосҳо, ашёи рӯзгор, шакли хонаҳо ва дигар тарзҳои ороишро бо ранг иҷро мекунанд. Дар мавриди иҷрои нақшу

нигор на танҳо тафаккури фазоии хонандагон инкишоф меёбад, балки ҳисси зебопарастӣ ва такмили тартиби кор ба фаҳмиши ранг ёрӣ мерасонад. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- фикри худро оид ба нақшу нигори миллӣ баён карда тавонанд;
- фарқи нақшу нигори миллиро аз ҳамдигар гуфта тавонанд;
- либоси миллиро бо нақшу нигор оро дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Оиди нақшу нигори миллӣ ва намудҳои он шинос намоед.
2. Дар бораи санъати ороишӣ - амалӣ бо хонандагон суҳбат ва саволу ҷавоб гузаронед.
3. Дар рафти суҳбат бо асарҳои устодони санъати ороиши нақшу нигорӣ либосҳо ва намудҳои раҳҳо ва ҷузъҳои ороишӣ, ки ҷамъоварӣ шудаанд, ба хонандагон намоиш диҳед.
4. Нақшу нигори либоси миллӣ дар варақ бо истифодаи қалами одӣ ва ранга.

**Арзёбӣ**. Шумо салоҳиятҳои нақшу нигори миллиро дар либос оро додан хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми нақшу нигор дар либос ва оро додан ба қадом хатогиҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст нақшу нигори миллӣ оро доданро санҷед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 10. Тасвир ва сохтани «Чароғаки роҳнамо» - 1 соат.

**Барнома**. Суҳбат аз рӯйи расми чароғаки роҳнамо. Аҳамияти чароғаки роҳнамо дар кӯчаву шаҳрҳо. Рангҳои чароғак ва вазифаҳои онҳо. Аз қуттиҳои гӯгирд ва маводҳои мувофиқ сохтани чароғаки роҳнамо. Тасвир намудани чароғаки роҳнамо бо истифодаи коғазҳои ранга. Оро додани он. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди зарурият ва аҳамияти чароғаки роҳнамо фаҳмиш пайдо намуда фикру ақидаашонро баён кунанд ва калимаҳои зарурироо шарҳ дода тавонанд;
- тарзи дуруси тасвир ва сохтанро мувофиқи мавзӯъ шарҳ дода тавонанд;
- дар варақ ё аз маводди табиӣ шакли чароғаки роҳнаморо тасвир карда ва сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба таълими мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1. Муаллим бо роҳи суҳбат ва бо хатҳои равон шакли тахминии чароғаки роҳнаморо дар тахтаи синф тасвир менамояд.
2. Баъд барои мустаҳкам намудани мавзӯи тасвири рангро ба хонандагон нишон медиҳад.
3. Дар тахтаи синф бо истифодаи бӯрҳои ранга чароғаки роҳнаморо тасвир менамояд ва баъди чанд дақиқа тасвири чароғакро аз тахтаи синф пок мекунад.

4. Кор амалӣ: Хонандагон бо қалами одӣ баъд бо қаламҳои рангаи лозима, гуаш ва ранги обӣ дар албом чароғакро тасвир ва оро медиҳанд.
5. Хулоса. Расмҳои тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ ва арзёбӣ менамоянд.
6. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани шакли чароғаки роҳнамо.

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- шакли чароғаки роҳнаморо бо интихоби дурусти рангҳо тасвир мекунанду оро медиҳанд ва месозанд.

**11. Ҷамъоварии ҳосил. Тасвир дар мавзӯи «Дарахтони мевадор». -1 соат.**

**Барнома**. Суҳбат дар бораи дарахтони мевадор ва намудҳои он. Маълумоти мухтасар доир ба дарахти себ, олуча, гелос, зардолу ва шафтолу. Зарурат ва аҳамияти истифодабари меваҳо барои саломатии инсон. Тасвир намудани дарахтони себ, гелос, шафтолу ва зардолу бо истифодаи рангҳои гуногун. Ороиш додани дарахтони мевадор.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди зарурият ва аҳамияти мева дар организми инсон фаҳмиш пайдо намуда, фикру ақидаашонро баён созанд ва калимаҳои заруриро шарҳ дода тавонанд;
- тарзи дуруси тасвир намуданро мувофиқи мавзӯъ донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- дар варақи тасвир рангҳоро дуруст интихоб намуда тасвир карда тавонанд;
- фарқияти дарахтони мевадор (себ, шафтолу, хурмо ва гелосро) гуфта тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим нусхаи рассомҳои гуногунро, ки бо рангҳо таҷассум шудаанд, нишон медиҳад аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки таассуроти рассомро доир ба фасли тирамоҳ, муқоиса кунанд.

А) Таассуроти рассомонро аз якдигар бо чӣ фарқ мекунад?

Б) Умумияти расмҳо (рангҳои аслӣ).

Баъди мушоҳида ба хонандагон интихоб намудани мавзӯи ҷамъоварии ҳосилро пешниҳод кардан лозим. Мувофиқи мушоҳидаҳояшон ҳар кас ба таври мустақил эҷодкорона машғул мешаванд. Тарзи кори амалӣ танҳо бо мӯқалам ва рангҳои акварелӣ бояд иҷро карда шавад.

1. Ҳангоми иҷро супориш муаллим оид ба дарахтони мевадор ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти инсон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф намуди дарахтони мевадорро бо истифодаи бӯрҳои ранга тасвир менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: Тасвир ва оро додани шакли дарахтони мевадор бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ.

Гурӯҳи 1. Тасвир намудани дарахти себ ва оро додани он.
Гурӯҳи 2. Тасвир намудани дарахти зардолу ва оро додани он.
Гурӯҳи 3. Тасвир намудани дарахти гелос ва оро додани он.
Гурӯҳи 4. Тасвир намудани дарахти шафтолу ва оро додани он.

4. Хулоса. Расмҳои тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ ва арзёбӣ намоед.
5. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани шакли дарахти хурмо.

**Арзёбӣ** Шумо салоҳиятҳои тасвир намудани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир намудан ва интихоби рангҳо ба қадом ғалатҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст тасвир намудан ва интихоби рангҳоро аз назар гузаронед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 12-13. Дарки зебоипарастӣ, ҳаракат ва санъат. Сохтани ҳаракати нақлиёт- 2 соат

**Барнома**. Маълумот дар бораи дарки зебоипарастӣ ҳаракат ва санъат ва моҳияти он дар ҳаёти инсон. Оид ба намудҳои ҳаракати нақлиёт маълумот додан. Тасвир аз маводҳои табиӣ ва камарзиш. Тасвир ва сохтани нақлиётҳои гуногун. Таҳлилу баррасии моҳияти гирифтани таълим. Ҳавасманд гардонидани хонандагон ба таҳсил. Қоидаҳои рафторро дар синф ва мактаб риоя кардан. Барои таълим гирифтан масъулият нишон додан.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди дарки зебоипарастӣ фикру ақидаашонро баён кунанд ва калимаҳои заруриро шарҳ дода тавонанд;
- тарзи дуруси тасвир намуданро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- намудҳои наклиётҳоро донанд ва гулмонӣ карда тавонанд;
- нақлиётҳоро муқоиса карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба таълими мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1) Ҳангоми иҷрои супориш муаллим оиди дарки зебоипарстӣ ҳаракат ва санъат бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.

2) Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф тарзи тасвири нақлиётҳоро бо бӯрҳои ранга тасвир менамояд.

3) Кори амалӣ: Тасвир ва оро додани шакли нақлиёти дӯстдоштаи худ.

5) Хулоса. Расми тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ намоед.

6) *Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани шакли нақлиёт.

**Арзёбӣ.** Шумо салоҳиятҳои тасвир ва оро додани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир ва оро додан ба қадом хатогиҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст тасвир ва оро додани нақлиётҳоро санҷед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 14. Бо ёрии ришта сохтани шаклҳои дилхоҳ – 1 соат

**Барнома.** Намоиши бозичаҳои миллии гуногун. Маълумот дар бораи маводҳои корӣ ва истифодаи рангҳо. Мувофиқи хоҳиш сохтани бозичаҳои миллӣ. Аз ҷиҳати шакл, ҳаҷм фарқ карда тавонистани бозичаҳо. Тасвир намудани бозичаҳои миллӣ бо истифодаи маводҳои табиӣ, коғазҳои ранга ва ғайра. Сохтани бозичаҳои миллӣ. Мунтазам тайёр намудани қисмҳои бозичаҳо. Пайвасткунии қисмҳо ва сохтани онҳо. Оро додани бозичаҳои миллӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- шакл, ҳаҷм ва фарқияти бозичаҳоро донад ва гуфта тавонанд;
- дар бораи намунаи бозичаҳои миллӣ ақидаашоро байён карда тавонанд;
- расми бозичаҳои миллиро дар варақ тасвир карда тавонанд;
- аз маводди табии шакли бозичаҳоро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Омӯзгор дарси мазкурро чӣ тавр ба роҳ монда метавонад? Дар поён якчанд қадамҳои намунавии таълими дарси мазкур пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон дар асоси ин қадамҳо дарсро ба роҳ монда метавонанд ва инчунин худашон нақшаи дарс тартиб дода, кӯшиш мекунанд, ки дониш, малака ва маҳорати заруриро фаро гирифта, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина гузоранд.

1. Дар тахтаи синф таърихи рӯз ва номи мавзӯъро нависед. Ба онҳо мақсад ва мавзӯи дарсро фаҳмонед. Гӯед, ки имрӯз онҳо дар бораи сохтани бозичаҳои миллӣ суҳбат мекунад ва оид ба сохтани бозичаҳои миллӣ маълумот мегиранд.
2. Намунаҳои бозичаҳои миллиро медонед, номбар кунед. Ҳангоми номбар намудани бозичаҳо калимаҳои дуруст баён намоед.
3. Чунонки аз расм маълум гардид, узвҳо аз рӯйи андозаи муайян тайёр мешаванд (Расми 1). Дар тахтаи синф муаллим бо қаламҳои ранга намунаи бозичаи миллиро бо хатҳои тасвирӣ нишон медиҳад.
4. Якчанд чӯбчаи мувофиқ, тугма ё тангаеро интихоб карда, бо ёрии матои сафед ва ришта онҳоро ин тавр пайваст намоед (Расми 2). Хонандагонро ба тарзҳои мухталифи сохтани бозичаи миллиро мустақилона кор карданро мефаҳмонад. Дар асоси ин супориш хонандагон ба сохтани бозичаҳо машғул мешаванд.
5. Пас ду - се навъи риштаи рангаро интихоб карда, онҳоро гирдогирди доирача печонед, ки "рӯй" ҳосил шавад. Хонандагон кӯшиш менамоянд, ки лӯхтакро созанд ва бо рангҳо онро ороиш диҳанд.
6. Дар охир бо ёрии риштаҳои сиёҳ ба он "мӯй" илова карда, ба танаш курта пӯшонед (Расми 3).

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- рангҳои риштаро дуруст интихоб мекунанд;
- лӯхтаки миллиро бо истифодаи мавод месозанд;
- аз мавод истифода бурда дуруст оро медиҳанд.

## 15. Тасвири меваю сабзавот - 1соат.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- навъҳои гуногуни меваҷот ва сабзавотро донанд ва номбар карда тавонанд;
- фарқияти меваҷот ва сабзавотро номбар кунанд ва шарҳ дода тавонанд;
- аз коғази ранга, пластилин шаклҳои меваҷоту сабзавотро тайёр карда тавонанд.

**Барнома**. Маълумоти мухтасар оид ба таърихи ҷашни Меҳргон. Мавриди гузаронидани ҷашн ҳамчун ҷашни ҷамъоарии ҳосилот дар фасли тирамоҳ. Хотиррасон намудани намудҳои гуногуни меваҳо ва сабзавоти тирамоҳӣ. Ороиши дастурхони идона. Тасвир ва сохтани шакли меваҷот ва сабзавоти тирамоҳӣ бо истифодаи коғазҳои ранга, қаламҳои ранга ва пластилин.

**Равиши дарс:** Машғулият бо суханони омӯзгор ва аёниятҳои тайёркардашуда оғоз меёбад. Дар рафти суханронӣ омӯзгор ба хонандагон савол медиҳад, ки "Ҷашни Меҳргон кай гузаронида мешавад?". Хонандагон номҳои меваҷот ва сабзавоти тиромоҳиро номбар мекунанд.

Кори амалӣ: Кор дар гурӯҳ. Хонандагонро ба чор гурӯҳ тақсим намуда ба онҳо супориш дода мешавад.

1. Тасвир намудани шакли меваҷот.
2. Тасвир намудани сабзавот.
3. Сохтани шакли меваҷот.
4. Сохтани шакли сабзавот.

*Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани меваҷоти дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо истифодаи коғазҳои ранга ва пластилин шаклҳои меваҷоту сабзавотро тайёр намояд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

## 16. Ба воситаи найча сохтани шаклҳо – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат аз рӯйи расмҳо. Маълумот дар бораи маводҳои корӣ ва истифодаи рангҳо. Мувофиқи хоҳиш сохтани найчаҳо. Аз ҷиҳати шакл, ҳаҷм фарқ карда тавонистани найчаҳо. Бо истифодаи маводҳои табиӣ, қоғазҳои ранга сохтани найчаҳо. Пайвасткунии қисмҳо ва сохтани онҳо. Оро додани найчаҳо.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- шакл, ҳаҷм ва фарқияти найчаҳоро донад ва гуфта тавонанд;
- дар бораи намунаи найчаҳо ақидаашоро байён карда тавонанд;
- расми найчаҳоро дар варақ тасвир карда тавонанд;
- аз маводди табии ва коғазҳои ранга шакли найчаро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Омӯзгор дарси мазкурро чӣ тавр ба роҳ монда метавонад? Дарс бо сухани муаллим дар бораи сохтани найчаҳо ва тарзи ороишӣ он оғоз меёбад. Муаллим аз хонандагон мепурсад, онҳо ин тарзи корро дар куҷо дидаанд. Аз найчаҳо шаклҳои гуногуни геометрӣ, суроби парандагону ҳайвонот ва ғайра сохтанро таъкид мекунем. Муаллим барои мисол дар тахтаи синф якчанд шакли хомакии сохтани найчаҳоро аз ҷиҳати таносуб мекашад ва нишон медиҳад. Хонандагон бо қалами одӣ ва сипас бо ранга ба тасвири расм шурӯъ менамоянд.

1. Тасмачаҳои коғазии барашон 3 - сантиметрӣ бибуред (Расми 1).
2. Тасмачаи буридаатонро ба ҳиссаҳои баробар ҷудо кунед (Расми 2).
3. Ҳар як порчаро дар мехча печонда найча ҳосил кунед (Расми 3).
4. Найчаҳоро аз сим гузаронед ва ҷисми дилхоҳатонро бисозед (Расми 4).
5. Ба ҳамин тарз шаклҳои геометрӣ, суроби парандаю ҳайвонот ва ғайраро сохтан мумкин аст. Масалан (расми 5). Хонандагон кӯшиш менамоянд, ки найчаро созанд ва бо рангҳо онҳоро ороиш диҳанд.

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- рангҳоро дуруст интихоб мекунанд;
- шакли найчаро дар варақ тасвир ва аз маводҳои зарурӣ месозанд.

## 17-18. Гулмонӣ дар мавзӯи «Тирамоҳи зарнисор». Тасвир намудани манзараи фасли тирамоҳ-2 соат

**Барнома**. Маълумот дар бораи гулмонӣ. Оиди рангҳо тасаввурот гирифтан. Дар асоси мушоҳида тасвир намудани манзараи тирамоҳ. Дуруст истифода бурдани рангҳо ва ҷобаҷогузории онҳо. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оид ба манзараи табиати тирамоҳ фикрҳояшонро баён карда тавонанд;
- манзараи тирамоҳро тасвир карда тавонанд;
- аз маводди табиӣ манзараи тирамоҳро гулмонӣ карда тавонанд;
- оид ба манзараи тирамоҳ рангҳоро дуруст истифода бурда тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар тасвири манзара ҳам ба мисли кашидани расм аз асл, аввал тарзи умумӣ ва фарқияти ҷузъиёти нисбатин хурди он бо тарзи эҷодкорӣ тасвир мешавад. Тасвири расмро дар мавриди аввал аз хатҳои ҷӯяндагӣ сар мекунанд, то ин ки зебоии аслии табиатро муайян кунанд. Ба муаллим зарур аст, ки диққати хонандагонро

ба беҳтар ҷобаҷогузории расмҳо дар варақ ва ба ранги манзара монанд тасвир кардани он ҷалб намоянд.
1) Пешакӣ якчанд намунаи расмҳоро доир ба мавзӯъ омода намоед. Онҳоро шумо метавонед дар тахтаи синф овезон намоед.
2) Як расмро бо истифодаи бӯрҳои ранга дар тахтаи синф тасвир намоед.
3) Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара муттаҳид намоед. Ба ҳар гурӯҳ як супориш оид ба мавзӯъ диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро дар варақ тасвир намуда, омода шаванд. Самти торикӣ ва рӯшноӣ дар расм акс ёбад. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба кори онҳо роҳбаладӣ намоед. Ба онҳо мунтазам ёрӣ расонед.
4) Пас аз омода шудани гурӯҳҳо ба ҳар кадоми онҳо имконияти муаррифиро диҳед. Гурӯҳҳо бонавбат кори худро шарҳ медиҳанд. Пас аз муаррифии гурӯҳҳо аз хонандагон пурсед, ки ба кори гурӯҳҳои дигар арзёбӣ намоянд. Фикру ақидаашонро оиди корҳои мазкур баён намоянд.
5*) Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани манзараи тирамоҳ.

**Арзёбӣ.** Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон панҷ дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд ва як манзараро тасвир намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ кунед. Онҳоро пас аз дарс санҷед ва дар дафтари арзёбӣ оид ба малакаи тасвир намудан ва оро додани ҳар як хонанда қайдҳо нависед.

## 19. Суробсозӣ ва ороиши зарфҳо – 1 соат.

**Барнома.** Намоиши зарфҳои миллӣ ва суҳбат дар атрофи онҳо. Фарқияти кори кулолии Суғду Бадахшон, Хатлон ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон. Аз гил ё пластилин сохтани зарфҳо ва нақшу нигори онҳо. Тасвири зарфҳои миллӣ ва ороиши онҳо. Аҳамияти истифодаи зарфҳо дар раванди рӯзгор. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- фикри худро оиди истифодаи зарфҳо дар рӯзгор баён карда тавонанд;
- шакл, ҳаҷм ва фарқи пиёлаву кӯзаро донад ва гуфта тавонанд;
- шакли паранда ва ҳайвонотро тасвир ва оро дода метавонанд;
- кӯзаву пиёларо гулмонӣ карда метавонанд.

**Равиши дарс:** Тасвири нақши нигор дар асоси эҷодкорӣ ва нусхабардорӣ ва намунаи нақшу нигорҳо иҷро карда мешавад. Иҷро ин супоришҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ ва мустақилона иҷро намудани нақшҳои гуногун инкишоф меёбад. Дар мавзӯи тасвири зарфҳои миллӣ кӯзаву пиёла ва парандаву сангпуштро бо дигар тарзҳои ороишро бо ранг иҷро мекунанд. Дар мавриди иҷрои нақшу нигор на танҳо тафаккури фазоии хонандагон инкишоф меёбад, балки ҳисси зебопарастӣ ва такмили тартиби кор ба фаҳмиши ранг ёрӣ мерасонад. Диққати асосии хонандагонро бояд ба он равона созем, ки онҳо бо шавқу завқ ҳаракати фарқшаванда, таносуби рангҳо, зебогии аслиро дар корҳои ороишӣ моҳирона иҷро намоянд.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Дар тахтаи синф шакли мурғобӣ ва сангпуштро бо истифодаи бӯрҳои ранга тасвир намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хусусиятҳои фарқкунандаи ин ашёро номбар намоянд.
2. Дар албом шакли кӯза, пиёла, мурғобӣ ва сангпуштро тасвир намоед ва онро бо қаламҳои ранга, гуаш ва ранги обӣ оро диҳед.
3. Пас корҳои худро ба рафиқатон нишон дода, кори якдигарро арзёбӣ намоед.
4. Аз маводҳои табиӣ (пӯчоқи чормағзу тухм) ва пластилину гил сохтани шакли мурғобӣ ва сангпушт.
5. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвири шакли пиёла ва оро додани он.

**Арзёбӣ**. Шумо салоҳиятҳои тасвир ва оро додани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир ва оро додан ба кадом хатогиҳо роҳ доданд, дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст тасвир ва оро додани зарфҳои миллиро санҷед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**20-21. Тасвири баргҳои зарин ва парвариши рустаниҳои хонагӣ - 1 соат.**

**Барнома**. Суҳбат оиди парвариши рустаниҳо дар гармхона. Мушоҳидаи ниҳолҳо, гулҳои хонагӣ, нарм кардани бехи онҳо, додани обу ғизо. Муқоисаи нашъунамои рустаниҳои дар офто брӯя ва дар соя парваришёфта. Аҳамияти равшанӣ барои сабзиши рустаниҳо. Тасвири гулҳои хонагӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- ✓ парвариши рустаниҳоро дар гармхона ёд мегиранд.
- ✓ оид ба ғизодиҳӣ, нарм кардани бехи онҳо мушоҳида гузаронида метавонанд.
- ✓ доир ба нашъунамои рустаниҳо ва сабзиши онҳо дар офтоб ва соя мушоҳидаҳо гузаронида тавонанд.
- ✓ тарзи нигоҳубини рустаниҳоро дар гармхона шарҳ дода метавонанд.
- ✓ доир ба рустаниҳои хонагӣ ва худрӯй маълумот пайдо карда метавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллимро зарур аст, ки қабл аз шурӯйи парвариши рустаниҳо ва намудҳои баргҳо дар ин мавзӯъ бо хонандагони аҳли синф саволу ҷавоб ташкил намояд.

Дар таътили зимистона бо кадом корҳо машғул шудаед?
Дар гармхонаҳо бо парвариши рустаниҳо машғул ҳастанд ё не?
Кадом рустаниҳо нисбатан обталабанд?

Муаллим ба хонандагон дар бораи парвариши рустаниҳо дар шароити гуногун, якеро дар офтобрӯя, дигареро дар соя парвариш намуданро таъкид менамояд.

Ҳангоми сайру гашт хонандагон бояд мушоҳида кунанд, ки баргҳои дар пайдарҳаҳои назди мактаб ва ё боғ, дар рӯйи алафҳо чӣ гуна хобидаанд. Хонандагон баргҳоро ҷамъ мекунанд, то ки бори дигар дар синф онҳоро аз назар гузаронанд, гуногунии баргҳои чинор, тут, чормағз, ток, сафедор ва ғайраро муқоиса ва қайд мекунанд. Ба муаллим зарур аст, ки ба хонандагон баъзе тарзу усулҳои бо мӯқалам кор карданро хотиррасон кунад. Сипас барои тасвир намудани рустаниҳо ва баргҳо ба хонандагон вазифа месупорад. Хонандагон бо як шавқ ба тасвири мавзӯи дарс машғул мешаванд.

1. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ягон рустании хонагиро ва намудҳои гуногуни баргро дар албом тасвир намояд.
2. Сипас бо истифодаи қаламҳои ранга, гуаш ва ранги обӣ расми тасвир намудаашонро оро диҳанд.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро оиди парвариши рустаниҳои хонагӣ озодона баён мекунад;
- парвариши рустании хонагиро тасвир менамоянд;
- дар варақ намунаҳои баргҳоро тасвир мекунанд;
- дар оро додани онҳо рангҳоро дуруст интихоб мекунанд.

**22. Гулдӯзӣ ва эҷодкорӣ аз ашёи табиат– 1 соат.**

**Барнома**. Суҳбат дар бораи гулдӯзӣ. Иҷрои корҳои ороишии нақшу нигори рангоранги миллӣ. Тасвир намудани нақшу нигори ороишӣ. Хонандагон дар асоси мушоҳидаҳои худ ва таассурот аз нақшу нигори тоза, ки қаблан дидаанд, амали мустақилона иҷро менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди ба санъати гулдӯзӣ фикру ақидаашонро баён мекунанд;
- дар варақ ё матоъ нақшу нигори миллиро тасвир ва гулдӯзӣ карда тавонанд;
- рангҳои гуногунро дар тасвир дуруст истифода ва интихоб карда метавонад.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба таълими мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1. Оид ба гулдӯзӣ муаллим бо хонандагон саволу ҷавоб мекунанд. Дар маҳаллаи шумо бештар дар кадом шакл гулдӯзӣ мекунанд? Оё гулдӯзиҳои рӯймолҳои хурду калон, рӯймолчаҳо, тоқиҳои гулдӯзӣ, сӯзаниҳоро мушоҳида кардаед?

1. Дар мавриди кори амалӣ хонандагон нигориши нақшу нигорро аз аёният, ки ба ихтиёри онҳо гузошта шудааст, бояд истифода баранд.

2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф намуди як чанд гулдӯзиҳои миллиро бо бӯрҳои ранга тасвир менамояд.

3. Кор инфиродӣ: Дӯхтани шакли гулдӯзиро машқ карда дар хотир нигоҳ доред.

4. Хулоса. Шаклҳои гулдӯзиро ба хонандагон баррасӣ намуда, арзёбӣ намоед.

5. Вазифаи хонагӣ. Дӯхтани рӯймолча.

**Арзёбӣ.** Шумо салоҳиятҳои дӯхтани гулдӯзии хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми дӯхтан ба кадом хатогиҳо роҳ додани онҳоро баррасӣ намоед. Инчунин иҷро намудани супоришро аз назар гузаронед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо диҳед.

### 23-24. Театри лӯхтак. Сохтани симои қаҳрамони афсонаи халқӣ ва шакли бозичаҳо аз матоъ - 2 соат

**Барнома**. Намоиши бозичаҳои гуногун. Маълумот дар бораи маводди корӣ (матоъ, пахта, резин, ресмон ва ғайра). Мувофиқи хоҳиш сохтани бозичаҳо (хирсак, рӯбоҳ, мор, сангпушт). Хусусиятҳои фарққунандаи матни афсона. Тасвир намудани қаҳрамонони афсонаи халқии тоҷик бо истифодаи қалами одӣ ва ранга, ранги обӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- хусусиятҳои фарққунандаи матни афсонаро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- ғояи асосии афсонаро муайян карда тавонанд;
- ҳодисаҳои афсонаро бо ҳаёт алоқаманд карда тавонанд;
- қаҳрамонони афсонаро тасвир карда тавонанд;
- аз матоъ бозичаҳо сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Азбаски мавзӯи кори амалӣ ба каҳрамони афсонаҳо бахшида шудааст, муаллим бояд доир ба ин мавзӯъ расмҳои ҷудогонаро ба хонандагон нишон диҳад, то ки бачаҳо онҳоро бодиққат тамошо карда, тасвирҳоро бо якдигар аз ҷиҳати образнокӣ ва тарзи ороиши либос муқоиса кунанд.

Муаллим дар баробари ин шавқу завқи хонандагонро ба эҷодкорӣ, тасвири зебогии аслӣ, таровати ҳамбастагии рангҳо, ки хеле мароқовар акс мегарданд, бедор месозад.

1. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо кадом афсонаро медонанд? Аз як нафар хоҳиш кунед, ки афсонаеро нақл кунанд.

2. Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаҳрамонони афсонаро тасвир намоянд ва оро диҳанд.

3. Хонандагон аз картон ва маводҳои табиӣ шакли қаҳрамонони афсонаи мазкурро сохта гулмонӣ мекунанд.
4. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.
*Вазифаи хонагӣ.* Сохтани шакли сангпушт аз матоъ.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд.
- шакли каҳрамонҳои афсонаро сохта метавонанд.
-

**25. Меҳргон ҷашни ҳосилот. Ёрӣ дар ҷамъоварии ҳосил -1 соат.**

**Барнома**. Маълумот дар бораи таърихи ҷашнгирии иди меҳргон. Ба қитъаи таълимию таҷрибавӣ ё боғи мактаб бурдани хонандагон. Ҷамъоварии ҳосили мева, сабзавот ё зироатҳои ғалладона (лӯбиё, ҷуворимакка, нахӯд ва ғайра). Ҷо ба ҷо кардани маводҳои ҷамъоварда. Мавриди гузаронидани ҷашн, ҳамчун ҷашни ҷамъоварии ҳосилот дар фасли тирамоҳ. Хотиррасон намудани намудҳои гуногуни меваҳо ва сабзавоти тирамоҳӣ. Ороиши дастурхони идона. Тасвир ва сохтани шакли меваҷот ва сабзавоти тирамоҳӣ бо истифодаи коғазҳои ранга, қаламҳои ранга ва пластилин, маводди табиӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- навъҳои гуногуни меваҷот ва сабзавотро донанд ва номбар карда тавонанд;
- фарқияти меваҷот ва сабзавот ва ғалладонаро номбар кунанд ва шарҳ дода тавонанд;
- аз коғази ранга, пластилин ва маводди табиӣ шаклҳои меваҷоту сабзавот, ғалладонаро тайёр карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Машғулият бо суханони омӯзгор ва аёниятҳои тайёркардашуда оғоз меёбад. Дар рафти суханронӣ омӯзгор ба хонандагон савол медиҳад, ки “Ҷашни Меҳргон кай ва чи гуна ҷашн гирифта мешавад?”. Хонандагон номҳои меваҷот ва сабзавоти тиромоҳиро номбар мекунанд.

Дар рафти кор муаллим чанде мисолҳои дигарро ба хонандагон хотиррасон менамояд. Баъди чунин суҳбатҳо ва тасвирҳо хонандагон фикри худро ҷамъ мекунанд ва машғули иҷрои тарҳи расм мешаванд.

Муаллим дар тахтаи синф бо хатҳои равон фазои манзараи саҳроиро тасвир менамояд ва таваҷҷӯҳи хонандагонро ба зебоии табиат, саҳрои беканорӣ, ки бо меҳнати дастони деҳқон боғу чаманзор обод гашта ҷалб менамоянд.
Кори амалӣ: Кор дар гурӯҳ. Хонандагонро ба гурӯҳ тақсим намуда, ба онҳо супориш дода мешавад.

1. Тасвир намудани шакли ғалладона.
2. Сохтани шакли сабзавот.
3. Тасвири ороиши дастархони идона.
4. Сохтани шакли меваҷот.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани меваҷоту сабзавот (интихоб мустақилона)

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо истифодаи коғазҳои ранга ва пластилин шаклҳои меваҷоту сабзавот, ғалладонаро тайёр намояд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

**26-27. Сохтани бозичаҳо – 2 соат**

**Барнома.** Намоиши бозичаҳои миллии гуногун. Маълумот дар бораи маводҳои корӣ ва истифодаи рангҳо. Мувофиқи хоҳиш сохтани бозичаҳои миллӣ. Аз ҷиҳати шакл, ҳаҷм фарқ карда тавонистани бозичаҳо. Тасвир намудани бозичаҳои миллӣ бо

истифодаи маводҳои табиӣ, коғазҳои ранга ва ғайра. Сохтани бозичаҳои миллӣ. Мунтазам тайёр намудани қисмҳои бозичаҳо. Пайвасткунии қисмҳо ва сохтани онҳо. Оро додани бозичаҳои миллӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- шакл, ҳаҷм ва фарқияти бозичаҳоро донад ва гуфта тавонанд;
- дар бораи намунаи бозичаҳои миллӣ ақидаашоро байён карда тавонанд;
- расми бозичаҳои миллиро дар варақ тасвир карда тавонанд;
- аз маводди табии шакли бозичаҳоро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Омӯзгор дарси мазкурро чӣ тавр ба роҳ монда метавонад? Дар поён якчанд қадамҳои намунавии таълими дарси мазкур пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон дар асоси ин қадамҳо дарсро ба роҳ монда метавонанд ва инчунин худашон нақшаи дарс тартиб дода, кӯшиш мекунанд, ки дониш, малака ва маҳорати заруриро фаро гирифта, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина гузоранд.

1. Дар тахтаи синф таърихи рӯз ва номи мавзӯъро нависед. Ба онҳо мақсад ва мавзӯи дарсро фаҳмонед. Гӯед, ки имрӯз онҳо дар бораи сохтани бозичаҳои миллӣ суҳбат мекунад ва оид ба сохтани бозичаҳои миллӣ маълумот мегиранд.
2. Намунаҳои бозичаҳои миллиро медонед, номбар кунед. Ҳангоми номбар намудани бозичаҳо калимаҳои дуруст баён намоед.
3. Дар тахтаи синф муаллим бо қаламҳои ранга намунаи бозичаҳои миллиро бо хатҳои тасвирӣ нишон медиҳад.
4. Хонандагонро ба тарзҳои мухталифи тасвир ва сохтани бозичаҳо ва мустақилона кор карданро мефаҳмонад. Дар асоси ин супориш хонандагон ба тасвир ва сохтани бозичаҳо машғул мешаванд.
5. Хонандагон кӯшиш менамоянд, ки бозичаҳои шавқовар созанд ва бо рангҳо онҳоро ороиш диҳанд.

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравand, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- рангҳоро дуруст талаффуз мекунанд;
- бозичаҳои миллиро дар варақ тасвир мекунанд;
- аз маводҳои зарурӣ бозичаҳоро созанд.

## 28-29. Тасвир ва сохтани манзараи деҳа – 2 соат.

**Барнома**. Саёҳат ба маҳалаи зист ва дар асоси мушоҳида тасвир намудани манзараи деҳаи худ. Ороиши расм.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Равиши дарс:** Муаллим хонандагонро бо дурнамо ва тобиши рангҳо, ки рассомон тасвир намудаанд, шинос мекунад.

Лозим аст, ки якҷо бо бачаҳо аз муҳити атроф мисолҳое, ки дар онҳо дурнамои ашё ба назар мерасад, оварда мешаванд. Масалан, гулгашти табиат бо дарахтони бисёр, ки ҳар қадар наздиктар бошанд, ҳамон қадар калон ба назар мерасанд ва дур бошанд, хурд менамоянд. Чунин ҳолатҳо дар мавриди бо ранг тасвир намудан аз ҷиҳати тобиши рангҳои сард ва гарм низ ба назар мерасад.

Хонандагон баъд аз суҳбат бо истифода аз дониши дарсҳои гузашта ҳосил намуда, бо мӯқалам расмро бо рангҳо тасвир мекунанд ва ҳар як тасвири хонандагон эҷодкорона ба назар мерасад, чунки тарзи кор аз қобилияти ҳунармандии хонандагон гувоҳӣ медиҳад.

1. Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим оиди зебоипарстӣ бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф тасвири манзараи деҳаро овезон менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: Муаллим хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд. Ба онҳо варақ дода мешавад, хонандагон ба манзараи деҳа нигоҳ мекунанд. Сипас бо истифодаи қалами одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ манзараи мактаби худро тасвир менамоянд.
4. Кори амалӣ: аз маводи табиӣ ва пластилин истифода намуда шакли манзараи деҳаро месозанд.
5. Хонандагон корҳои иҷрокардаи гурӯҳҳои худро баррасӣ намуда, арзёбӣ менамоянд.
6. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани манзараи деҳа.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- манзараи деҳаро дуруст тасвир ва оро медиҳанд.
- аз маводи табиӣ ва пластилин манзараи деҳаро тайёр мекунанд.

### 3о. Шиносоӣ бо рассом Мирзораҳмат Олимов – 1соат.

**Барнома**. Шинос намудани хонандагон бо фаъолияти эҷодии М. Олимов. Намоиши асарҳои рассом. Суҳбат аз рӯйи санъати наққошӣ, асбобҳои рӯзгор, нақшу нигори миллӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи рассом пурра маълумот дода метавонанд;
- асарҳои ӯро номбар намуда шахр дода метавонанд;
- тарзи дуруси истифода бурдани рангҳоро дар тасвир мувофиқи мавзӯъ шарҳ дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим хонандагонро бо ҳунари устоди наққош шинос менамояд. Аз аёнияти тайёркардааш доир ба санъати наққошӣ истифода бурда, ба хонандагон намудҳои наққоширо нақл мекунад. Хусусият ва қонунҳои наққошии М. Олимов дар давоми солҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Ҳар як нақшу нигори ӯ ин зебоии олам аст. Дар нақшу нигор ин марди ҳунарманд аксар нақшу нигори рустаниҳо, бо номи умумӣ ва аслӣ ва намудҳои геометрии гиреҳ ва чеҳранигори таҷассум шудааст.
1. Муаллим бо хонандагон оиди фаъолияти рассом саволу ҷавоб ташкил менамояд.
А) Рассом Мирзораҳмат Олимов дар куҷо ба дунё омадааст?
Б) Фаъолияти рассом бештар дар кадом мавзӯъ эҷод шудааст?
2. Баъд аз он омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки нақши гулу гиёҳ, баргу поя ва парандагонро дар албом тасвир намоеду бо қаламҳои ранга, ранги обӣ оро диҳанд.

**Арзёбӣ** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- асарҳои рассомро номбар мекунанд;
- расми баргу поя ва парандаҳоро дар албом тасвир менамоянд.

### 31. Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор - 1 соат.

**Барнома**. Мушоҳидаи тракторҳои гуногунтамға дар расм. Вазифаи тракторҳо, номбар кардани қисмҳои асосии трактор. Сохтани трактор ва қуттиҳо.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
- навъҳои гуногуни тамғайи тракторро номбар карда тавонанд;
- фарқияти тамғайи тракторҳоро аз ҳамдигар номбар карда, шарҳ дода тавонанд;
- аҳамияти тракторро дар ҳаёт гуфта тавонанд;
- аз маводҳои табиӣ шакли тракторро тайёр карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Ҳангоми тасвир ва сохтани моделҳо, шаклу ҳаракати ҷузъҳои техникӣ низ ба назар гирифта мешавад. Хонандагон қабл аз сохтани моделҳои нақшаи Техникии онро рӯйи коғаз мекашанд. Муаллим бояд бифаҳманд, ки василаи муҳими таҷассуми шакл аз пластилин, коғаз, қуттиҳо сохтани модел аз қисмҳо иборат аст. Масалан: аз қуттии гугирд суроби тракторро сохтан мумкин аст. Ба муаллим зарур аст, ки дар ҷараёни кор ба амали ҳар як хонанда таваҷҷуҳ намояд, ба онҳое ки дар иҷрои супориш душворӣ мекашанд ёрӣ диҳед.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Ба хонандагон оиди мавзӯъ саволу ҷавоб ташкил намоед. Кадом корҳоро трактор иҷро мекунад? Трактори чорчарха аз трактори тасмачарх чӣ фарқ дорад? Қисмҳои асосии тракторро номбар кунед? Тракторро кӣ идора мекунад.
2. Кори инфиродӣ: Хонандагон дар албом шакли тракторро тасвир мекунанд ва аз маводи табиии модели тракторро месозанд.
3. Хонандагон шакли тракторро бо истифодаи қаламҳои ранга, ва гуаш оро медиҳанд.
4. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Сохтани модели трактор ва оро додани он.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо истифодаи маводҳои табиӣ модели тракторро тайёр намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

### 32-33. Тасвир ва сохтани парвози парандагон – 2 соат.

**Барнома**. Маълумоти мухтасар доир ба ҳаёт ва намудҳои парандагон. Хотиррасон намудани номҳои парандагон ва манфиатрасон будан, муҳофизат намудани онҳо. Тасвир намудан ва сохтани шакли парандаҳо (интихоби мустакилона). Истифода бурдан аз коғазҳои ранга, мавоодди табиӣ, қаламҳои ранга, пластилин.

**Салоҳиятҳо:**
- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
- дар бораи парандагон маълумот дода тавонанд.
- фаъолияти якдигарро арзёбӣ карда тавонанд.
- парандаи дӯстдоштаашонро тасвир ва сохта тавонанд.
- зарурати муҳофизати парандагонро муайян карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим барои хонандагонро бо тарзи сохтани шакли парандагон ва ғайраҳо, ки бо тасвирҳо ва ороишҳои гуногун хеле фарқкунандаанд, шинос карда, аз тасвирҳои гуногуни шаклҳо истифода бурда метавонад. Ҳангоми иҷрои кори амалӣ муаллим барои мароқовар ва образнок тасвир намудани шакли парандагон, расмҳои намунавиеро, ки тасвири ҳар як ҷузъи он дар алоҳидагӣ дода шудааст, ба хонандагон барои истифода бурда тавсия медиҳад.

1. Ба хонандагон супориш диҳед, ки номҳои парандагонро ба хотир биёранду номбар намоянд.
2. Фоидарасон будани парандаҳоро шарҳ дода тавонанд.
3. Сипас дар тахтаи синф расми парандаҳоро гузоред. Оиди расм бо хонандагон суҳбат ташкил намоед.
4. Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ягон расми парандаи дӯстоштаи худро тасвир намоянд ва оро диҳанд.
5. Хонандагон аз коғазҳои ранга, пластилин ва маводҳои табиӣ шакли парандаи интихобкардаи худро созанд.

6. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Сохтан ва тасвири намудаи парандаи хонагӣ.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- зарурати муҳофизати парандагонро номбар мекунанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда гузаронед.Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.**

## Нимсолаи 2.

## 34. Тасвир намудани нақшу нигори миллӣ – 1 соат.

**Барнома.** Намоиши куртаҳои чакан ё расми онҳо. Тасвири нақшҳои миллӣ дар рӯйи матоъ. Рангубори нақшҳо. Гулмонии нақшу нигор ба воситаи шаклҳои геометрӣ ва коғазҳои ранга, гуаш, ранги обӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- фикри худро оид ба нақшу нигори миллӣ баён карда тавонанд;
- фарқи нақшу нигори миллиро аз ҳамдигар гуфта тавонанд;
- нақшу нигори миллиро оро дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Тасвири нақши нигори миллӣ дар асоси эҷодкорӣ ва нусхабардорӣ ва намунаи нақшу нигорҳои миллӣ иҷро карда мешавад. Шиносоӣ бо намудҳои нақшу нигори миллӣ. Намудҳои нақшу нигори рустанигӣ, геометрӣ ва омехта. Фарқ карда тавонистани нақшу нигори миллӣ. Иҷро ин супоришҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ ва мустақилона иҷро намудани нақшҳои гуногун инкишоф меёбад. Дар мавзӯи нақшу нигор иҷрои ороиши идона, гулдӯзиҳои либосҳо, ашёи рӯзгор, шакли хонаҳо ва дигар тарзҳои ороишро бо ранг иҷро мекунанд. Дар мавриди иҷрои нақшу нигор на танҳо тафаккури фазоии хонандагон инкишоф меёбад, балки ҳисси зебопарастӣ ва такмили тартиби кор ба фаҳмиши ранг ёрӣ мерасонад.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Оиди нақшу нигори миллӣ ва намудҳои он шинос намоед.
2. Дар бораи санъати ороишӣ - амалӣ бо хонандагон суҳбат ва саволу ҷавоб гузаронед.
3. Дар рафти суҳбат бо асарҳои устодони санъати ороиши нақшу нигори либосҳо ва намудҳои раҳҳо ва ҷузъҳои ороишӣ, ки ҷамъоварӣ шудаанд, ба хонандагон намоиш диҳед.
4. Нақшу нигори либоси миллӣ дар варақ бо истифодаи қалами одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- рангҳоро дуруст муайян мекунанд;
- дар рӯйи матоъ нақшу нигори миллиро тасвир мекунанд.

### 35 Сохтани тухфа ба ҳимоягарони Ватан – 1 соат.

**Барнома**. Намоиши расмҳои сарбозони кшвар. Суҳбат аз рӯйи расмҳо. Сохтани туҳфаи идона. Сохтани картагул, гул, ракета, мошинҳои ҳарбӣ ва ғайра. Сабти навиштаҷот “23 - юми феврал”. Тайёр намудани китобча ва ороиши муқоваи он.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

– навъҳои гуногуни шакли табрикномаро донанд ва сохта тавонанд;
– сохтори табрикномаро донанд ва дар асоси намуна табрикнома навишта тавонанд;
– навъҳои гуногуни мошинҳои ҳарбиро донад ва номбар карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим ба хонандагон дар бораи таърихи ташкили Артиши миллӣ, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил шуда буд мухтасар маълумот медиҳад. Артиши ҳар як кишвар бояд сарҳад ва сулҳу амнияти шаҳрвандони хешро ҳимоя менамояд. Муаллим ба хонандагон расмҳоеро, ки бо қалами эҷодии рассомон дар хусуси корнамоиҳои Артиши миллӣ мебошад намоиш медиҳад.

1. Ба хонандагон коғазҳои ранга, варақ диҳед, аз он хоҳиш намоед, ки шаклҳои гул, ракетаро бо истифодаи қалами одӣ, ранга ва ранги обӣ гулмонӣ кунанд.

2. Бо истифодаи қартон ва маводи табиӣ шакли ракета ва мошинҳои ҳарбиро созанд.
3. Тасвир ва сохтани шакли табрикнома.
4. Хулоса. Хонандагон корҳои худро ба намоиш гузошта баррасӣ намоянд.
5. *Вазифаи хонагӣ*. Сохтани шакли ракета.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд ва як туҳфа ба бародаронашон тайёр намояд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

### 36. Шиносоӣ бо эҷодиёти халқ, меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ - 1 соат

**Барнома**. Шинос намудани хонандагон бо эҷодиёти халқ меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ. Намоиши намунаи эҷодиёти халқ. Тасвир намудани гулдӯзӣ дар рӯйи матоъ ё варақ. Сохтани намунаи шакли сабадча. Рангҳоро дуруст интихоб намудан оиди мавзӯъ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

– оид ба эҷодиёти халқ, меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ фикрҳояшонро баён карда тавонанд;
– аз маводди табиӣ ягон шакли ашёро бофата тавонанд;
– дар болои матоъ гулдӯзӣ карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Ҳангоми суҳбат муаллим дониши талабагонро доир ба фарқияти рангҳо, ки хонандагон бо онҳо аллакай шиносанд, мустаҳкам менамояд. Дар эҷодиёти халқ, меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ яке аз ҳунарҳои хеле қадим ва хеле паҳншудаи халқ мебошад. Бо ин намуди санъат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон устодони ҳунарманди зиёде машғуланд. Санъати меҳнати дастӣ, гулдӯзӣ ва бофандагӣ дар ороиши биноҳои гуногун, асбобҳои рӯзгор бо ҳунари баланди эҷодкорӣ таҷассум шудааст.

1. Пешакӣ якчанд намунаи расмҳоро доир ба мавзӯъ омода намоед. Онҳоро шумо метавонед дар тахтаи синф овезон намоед.

2. Як расмро бо истифодаи бӯрҳои ранга дар тахтаи синф тасвир намоед.
3. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара муттаҳид намоед. Ба ҳар гурӯҳ як супориш оид ба мавзӯъ диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро дар варақ тасвир намуда, омода шаванд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба кори онҳо роҳбаладӣ намоед. Ба онҳо мунтазам ёрӣ расонед.
4. Пас аз омода шудани гурӯҳҳо ба ҳар гурӯҳ имконияти муаррифиро диҳед. Гурӯҳҳо бо навбат кори худро шарҳ медиҳанд. Пас аз муаррифии гурӯҳҳо аз хонандагон пурсед, ки ба кори гурӯҳҳои дигар арзёбӣ намоянд. Фикру ақидаашонро оиди корҳои мазкур баён намоянд.
5. *Вазифаи хонагӣ*. Гулдӯзӣ дар рӯйи матоъ.

**Арзёбӣ.** Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз ё матоъ ягон ҳунари меҳнати дастӣ ё гулдӯзиро тасвир намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ кунед. Онҳоро пас аз дарс санҷед ва дар дафтари арзёбӣ оид ба малакаи тасвир, гулдӯзӣ ва оро додани ҳар як хонанда қайдҳо нависед.

### 37. Сохтани модели киштӣ - 1 соат

**Барнома**. Суҳбат дар бораи намудҳои киштӣ. Намоиши расмҳои киштиҳо. Аз коғазҳои ранга буридани шаклҳои геометрӣ (доира, секунҷа, росткунҷа, чоркунҷа, нимдоира ва ғайра). Сохтани шакли модели киштӣ ва оро додани он. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
- вазифаҳояшонро ҳамчун хонанда донанд ва онҳоро шарҳ дода тавонанд;
- ба фаъолияти худ баҳо дода тавонанд.
- аз маводҳои табиӣ модели киштиро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дарс ба тарзи суҳбати муаллим саволу ҷавоб бо хонандагон оғоз мешавад. Масалан: Хонандагон дар ҷавобҳои худ тарзи сохтани киштиро ба хотир меоранд. Пеш аз оғози дарс муаллим расми моделҳои тасвирёфтаи киштиро нишон медиҳад. Ҳангоми машғулияти амалӣ расмҳоро аз намоиш гирифтан даркор, ки диққати хонандагонро ба худ ҷалб насозанд. Ҳангоми саволгузорӣ фарқияти шакли моделсозиро додан лозим аст. Яъне модел чӣ гуна намуд ва ороиш дорад? Кадом намуди ин моделҳо ба шумо бештар маъқул аст?

Хонандагон мустақилона ин вазифаро иҷро карда метавонанд, вале барои ин омӯзгор пешакӣ диққати онҳоро ба асбобҳои тайёркардашуда ҷалб намояд. Ин тарзи мушоҳида ба гуногунии кори эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

1) Хонандагони синфро дунафара муттаҳид кунед ва ба онҳо коғазҳои ранга диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки шаклҳои геометриро тасвир созанд ва буранд.
2) Сипас дар тахтаи синф расмҳои киштиҳоро гузоред.
3) Кори амалӣ: Аз шаклҳои геометрӣ сохтани модели киштӣ.
4) Вазифаи хонагӣ. Сохтани шакли киштӣ.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор меравад, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:
- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- шакли киштиро дуруст тасвир менамоянд;
- аз маводҳои табиӣ модели киштиро месозанд.

**38. Тасвир аз рӯйи мавзӯъ «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон» - 1 соат.**

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди ба манзараҳои зебои шаҳри Душанбе фикру ақидаашонро баён кунанд ва калимаҳои заруриро шарҳ дода тавонанд;
- дар варақ манзараи «Душанбе - пойтахти Тоҷикистон» -ро тасвир ва оро дода тавонанд;
- рангҳои гуногунро дар тасвир дуруст истифода карда тавонад.

**Барнома**. Саёҳат аз рӯйи тасвири манзараи: "Душанбе-пойтахти Тоҷикистон". Суҳбат аз рӯйи тасвири «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон». Мушоҳидаи зебоиҳои табиати шаҳри Душанбе. Ҷалб намудани хонандагон ба гулҳои зебои шаҳри Душанбе ва номбар кардани онҳо. Тасвири манзараи: "Душанбе-пойтахти Тоҷикистон". Оро додани манзараи зебо. Кори амалӣ.

**Равиши дарс:** Муаллим ба хонандагон дар бораи таърихи шаҳри Душанбе мухтасар маълумот медиҳад. Оиди манзараҳои зебоӣ шаҳри Душанбе (боғи ба номи устод Рӯдакӣ, Боғи Ирам ва ғайра) бо хонандагон суҳбат ташкил менамояд. Муаллим ба хонандагон расмҳоеро, ки бо қаламм рассомони маъруфи Тоҷикистон дар хусуси манзараҳои зебои шаҳри Душанбе офарида шудаанд нишон медиҳад. Намоиши кинофилм оид ба манзараҳои зебои шаҳри Душанбе.

1. Ҳангоми иҷрои супориш муаллим оиди тасвири манзараи «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон» бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф намуди як манзараи зеборо бо бӯрҳои ранга тасвир менамояд.
3. Кор инфиродӣ: Тасвир ва оро додани манзараи «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон» бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга ва гуаш, ранги обӣ.
4. Хулоса. Расмҳои тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ ва арзёбӣ намоед.

*Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани манзараи зебои шаҳри Душанбе.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравaнд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- зебоӣ ва хусусияти фарқкунандаи манзараҳои шаҳри Душанберо медонад.

**39. Корҳои ороишӣ - 1 соат.**

**Барнома**. Маълумот дар бораи зебоии рангу шакл ва ифодаҳои онҳо дар тасвир. Оиди рангҳо тасаввурот гирифтан. Дар асоси мушоҳида тасвир намудани албом ва оро додани онҳо. Дуруст истифода бурдани рангҳо ва ҷобаҷогузории онҳо. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои махдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оид ба зебоии рангу шакл ва ифодаи онҳо фикрҳояшонро баён карда тавонанд;
- расми албомро тасвир карда метавонанд;
- аз коғазҳои ранга ва картон шакли албомро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар суҳбати мухтасар мундариҷаи мавзӯъ, пурмуҳтавоӣ, истифодаи корҳои ороишӣ тасвири ашёи рӯзгор, ки асоси маданияти илму маърифатанд, оғоз

меёбад. Баъд аз суҳбат муаллим хонандагонро ба сохтани корҳои ороишӣ ҳидоят мекунад. Ҳар кас дар рӯйи коғаз тасвирҳоро бо рангҳо ороиш медиҳанд. Дар навбати аввал бо хатҳои ёрирасон рӯйи коғаз бо қалам ишора мекунем ва сипас тасвир ҳар як қисмҳои ҷудогонаи фарқшавандаро дар ҷойи таъйиншуда мукаммалтар нишон медиҳем.

1) Пешакӣ якчанд намунаи расмҳоро доир ба мавзӯъ омода созед. Онҳоро шумо метавонед дар тахтаи синф овезон намоед.
2) Бо ёрии қолабҳои ҳосилкардаатон дар албом шаклҳои зеринро тасвир кунед. (Расми 1).
3) Аз картони ғафс чунин муқоваро бисозед (Расми 2).
4) Аз коғази одии хатнависӣ мувофиқи андозаи муқова якчанд варақ гиред (расми 3).
5) Варақҳоро болои ҳам байни муқоваҳо гузошта, дар фосилаи 5мм сӯрохиҳо гузоред ва онҳоро бо сим бидӯзед (расми 4).
6) Рӯйи муқоваро бо хоҳиши худатон оро диҳед, масалан аз рӯйи расми 5.
7) *Вазифаи хонагӣ*. Тасвир намудани шакли албом.

**Арзёбӣ** Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон панҷ дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд ва шакли ангур ва баргро тасвир намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ кунед. Онҳоро пас аз дарс санҷед ва дар дафтари арзёбӣ оид ба малакаи тасвир намудан ва оро додани ҳар як хонанда қайдҳо нависед.

### 40-41 Сохтани симои қаҳрамони афсонаи халқӣ ва шакли бозичаҳо аз матоъ- 2 соат

**Барнома**. Намоиши бозичаҳои гуногун. Маълумот дар бораи маводди корӣ (матоъ, пахта, резин, ресмон ва ғайра). Мувофиқи хоҳиш сохтани бозичаҳо (хирсак, рӯбоҳ, мор, сангпушт). Хусусиятҳои фарқкунандаи матни афсона. Тасвир ваа сохтани намудани қаҳрамонони афсона. Оро додани қаҳрамонони афсона бо истифодаи қалами одӣ ва ранга, ранги обӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- хусусиятҳои фарқкунандаи матни афсонаро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- ғояи асосии афсонаро муайян карда тавонанд;
- ҳодисаҳои афсонаро бо ҳаёт алоқманд карда тавонанд;
- қаҳрамонони афсонаро тасвир карда тавонанд;
- аз матоъ бозичаҳо сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Хонандагон дар навбати аввал қисми афсонаро ё бо тарзи хондан ё нақл ба хотир меоранд. Хонандагон вазифаро дар варақи коғази ранга бо мӯқаламу гуаш, ҳамон тавре ки ин лаҳзаҳоро тасаввур мекунанд иҷро менамоянд. Баъд хонандагон корҳои ба анҷом расондаашонро ба намоиш мегузоранд.

1. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо кадом афсонаро медонанд? Аз як нафар хоҳиш кунед, ки афсонаеро нақл кунанд.
2. Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаҳрамонони афсонаро тасвир намоянд ва оро диҳанд.
3. Хонандагон аз картон ва маводҳои табиӣ шакли қаҳрамонони афсонаи мазкурро сохта гулмонӣ мекунанд.
4. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ*. Сохтани шакли қаҳрамони афсонаи дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- аз маводҳои табиӣ қаҳрамонҳои афсонаро сохта метавонанд.

### 42. Шиносоӣ бо марди ҳунарманд Алиаҳмад Вахонӣ – 1соат.

**Барнома**. Шинос намудани хонандагон бо фаъолияти эҷодии Алиаҳмад Вахонӣ. Намоиши асарҳои рассом. Суҳбат аз рӯйи санъати наққошӣ, асбобҳои рӯзгор, нақшу нигори миллӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи рассом пурра маълумот дода метавонанд;
- асарҳои ӯро номбар намуда шаҳр дода метавонанд;
- тарзи дуруси истифода бурдани рангҳоро дар тасвир мувофиқи мавзӯъ шарҳ дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим хонандагонро бо ҳунари устоди наққош шинос менамояд. Аз аёнияти тайёркардааш доир ба санъати наққошӣ истифода бурда, ба хонандагон намудҳои наққоширо нақл мекунад. Хусусият ва қонунҳои наққошии Алиаҳмад Вахонӣ дар давоми солҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Ҳар як нақшу нигори ӯ ин зебоии олам аст. Дар нақшу нигор ин марди ҳунарманд аксар нақшу нигори миллиро таҷассум шудааст. Кори амалӣ.

1. Муаллим бо хонандагон оид ба фаъолияти рассом саволу ҷавоб ташкил менамояд.
   А) Рассом Алиаҳмад Вахонӣ дар куҷо ба дунё омадааст?
   Б) Фаъолияти рассом бештар дар кадом мавзӯъ эҷод шудааст?
2. Кори амалӣ: Сохтани крани борбардор ва бо қаламҳои ранга, бо ранги обӣ оро додани он.

- Сохтани қисми такягоҳ;
- Тирчӯб;
- Таҳкурсӣ бо чархҳо;
- Сангҳои мувозинат;
- Танобҳо.

**Арзёбӣ** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- асарҳои рассомро номбар мекунанд;
- крани борбардорро аз маводҳои табиӣ месозанд.

### 43. Сохтани зарф бо усули оҳардиҳӣ – 1 соат.

**Барнома.** Намоиши зарфҳои миллӣ ва суҳбат дар атрофи онҳо. Фарқияти кори кулолии Суғду Бадахшон, Хатлон ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон. Аз гил ё пластилин сохтани зарф ва нақшу нигори онҳо. Тасвири зарфҳои миллӣ ва ороиши онҳо. Аҳамияти истифодаи зарфҳо дар раванди рӯзгор. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- фикри худро оиди истифодаи зарфҳои миллӣ (чойник ва пиёла) - ро дар рӯзгор баён карда тавонанд;
- шакл, ҳаҷм ва фарқи чойнику пиёларо донад ва гуфта тавонанд;
- шакли чойнику пиёларо тасвир ва оро дода тавонанд;
- чойнику пиёларо гулмонӣ карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Тасвири нақши нигор дар асоси эҷодкорӣ ва нусхабардорӣ аз чойнику пиёла ва намунаи нақшу нигорҳо иҷро карда мешавад. Иҷрои ин супоришҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ ва мустақилона иҷро намудани нақшҳои гуногун

инкишоф медиҳад. Дар мавзӯи тасвири зарфҳои миллӣ чойнику пиёла ва дигар тарзҳои ороишро бо ранг ифода мекунад. Дар мавриди иҷрои нақшу нигор дар чойнику пиёла на танҳо тафаккури фазоии хонандагон инкишоф меёбад, балки ҳисси зебопарастӣ ва такмили тартиби кор ба фаҳмиши ранг ёрӣ мерасонад. Диққати асосии хонандагонро бояд ба он равона созем, ки онҳо бо шавқу завқ ҳаракати фарқшаванда, таносуби рангҳо, зебогии аслиро дар корҳои ороишӣ моҳирона иҷро намоянд.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Дар тахтаи синф шакли пиёларо бо истифодаи бӯрҳои ранга тасвир намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хусусиятҳои фарқкунандаи ин ашёро номбар намоянд.
2. Ба зарфе об гирифта, дар он порчаҳои коғази тунук ва рӯзномаро омехта кунед (расми 1).
3. Акнун зарфи дилхоҳатонро ба рӯйи дигар гузошта, дар сатҳи рӯйи он порчаҳои намнокшударо як қабат гузоред (расмҳои 2-3).
4. Пас ба рӯйи қабати гузоштаатон ширеш молида, боз як қабат коғазпора гузоред. Аз болои он боз ширеш ва коғаз часпонед. Ин амалро то ҳолати 6 - 8 қабат шудани коғаз давом диҳед (расми 4).
5. Зарфи сохтаатонро рангубор карда, бо гулҳои дилхоҳатон оро диҳед (расми 6).

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири шакли пиёла ва оро додани он.

**Арзёбӣ**. Шумо салоҳиятҳои тасвир ва оро додани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир ва оро додан ба кадом хатогиҳо роҳ доданд, дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст сохтан ва оро додани зарфро санҷед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 44-45. Туҳфа ба иди Модарон - 2 соат.

**Барнома**. Суҳбат оид ба иди байналхалқии занон. Илтифот нисбати модарон, хоҳарон ва дигар наздикони худ. Сохтани гулҳои гуногун ва табрикнома бахшида ба рӯзи “Иди модарон”. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- навъҳои гуногуни шакли табрикномаро донанд ва сохта тавонанд;
- сохтори табрикномаро донанд ва дар асоси намуна табрикнома навишта тавонанд;
- навъҳои гуногуни гулҳои баҳориро донад ва номбар карда тавонанд.
- аз коғази ранга гулҳои баҳориро бахшида ба Рӯзи модарон сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим дарсро бо хондани шеър бахшида ба модар қироат менамояд ва аёнияти тайёркардаашро дар тахтаи синф мегузорад. Дар рафти суханронӣ ба хонандагон хотиррасон менамояд, ки туҳфаи аввалини ҳар як хонанда ба модарони меҳрубон ин аъло хондан ва баодоб будан аст. Хонандагон дар ҷустуҷӯйи тасвир ва сохтани мавзӯи супоридашуда ангорaро (эскизро) тартиб медиҳанд. Вақте ки тасвири андешидашуда хонандаро қонеъ кунонад, дар ангора ба амал омад, он бо хатҳои нозук дар рӯйи коғаз тасвир меёбад ва бо тобиши рангҳои гуногун гулҳои хушбӯйи баҳорӣ ҳунари хонандагон таҷассум меёбад ва ба модарони меҳрубон ин туҳфа пешниҳод мегардад.

1. Ба хонандагон коғазҳои ранга диҳед, аз он хоҳиш намоед, ки шаклҳои гулҳои гуногунро бахшида ба рӯзи Модарон созанд.
2. Бо истифодаи картон ва варақ шакли табрикномаро омода кунанд.
3. Навиштани матни табрикнома бахшида ба рӯзи иди байналхалқии занон.
4. Хулоса. Хонандагон корҳои худро ба намоиш гузошта баррасӣ намоянд.
5. Вазифаи хонагӣ. Сохтани шакли гули лола бо истифода аз коғази ранга.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд ва як туҳфа ба модар ва дӯсти наздикашон тайёр намоянд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

## 46-47. Нигоҳубин рустанӣ ва сабзавот – 2 соат.

**Барнома**. Суҳбат оид ба нигоҳубини рустаниҳои хонагӣ. Мушоҳидаи ниҳолҳо, гулҳои хонагӣ, нарм кардани бехи онҳо, додани обу ғизо. Муқоисаи нашъунамои рустаниҳо дар хона ва мактаб. Аҳамияти равшанӣ барои сабзиши рустаниҳо. Тасвири гулҳои хонагӣ. Оро додани гулҳо бо истифодаи қалами ранга, гуаш, ранги обӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- навъҳои гуногуни гулҳои хонагӣ ва сабзавотро номбар карда тавонанд;
- аҳамияти гулҳои хонагӣ ва сабзавотро дар табиат донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- шакли гулҳоро тасвир ва оро диҳанд ва аз маводи табиӣ шакли онҳоро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Машғулият бо суханони омӯзгор ва аёниятҳои тайёркардашуда оғоз меёбад. Дар рафти суханронӣ омӯзгор ба хонандагон мепурсад: "Шумо кадом намудҳои гулҳоро дар хона парвариш ва нигоҳубин мекунед?", "Кадом сабзавот аз хунукӣ (-1$^{0}$) зарар мебинад ва онро чӣ тавр муҳофизат бояд кард?. Хонандагони фикру ақидаашонро озода баён менамоянд. Барои ин омӯзгор пешакӣ диққати онҳоро ба хусусияти гулҳо ва сабзавотҳо ҷалб менамояд. Ин тарзи мушоҳида ба гуногунии кори эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

1. Кори амалӣ: Тасвир ва оро додани гулҳои хонагӣ ва сабзавот бо истифодаи маводи табиӣ ва қалами ранга, гуаш, ранги обӣ.
2. Хулоса. Хонандагон оид ба нигоҳубини гулҳои хонагӣ ва сабзавот фикру андешаҳояшонро баён мекунанд. Корҳои иҷронамудаи худро ба дигарон муаррифӣ менамоянд ва ба кори якдигар арзёбӣ мекунанд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири гулҳои хонагӣ ва оро додани онҳо.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо супориш диҳед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд. Тасвири гулҳои хонагиро тайёр кунан. Аз маводи табиӣ як намуди шакли гули хонагиро созанд ва оро диҳанд. Дар рафти машғулият кори хонандагонро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

## 48-49. Тасвир ва сохтани манзараи фасли баҳор – 2 соат.

**Барнома**. Маълумот дар бораи фасли баҳор. Дар асоси мушоҳида тасвир намудани манзараи баҳор. Рангубори мувофиқ, эътибор додан ба ҷойгиршавии ашё. Дуруст истифода бурдани рангҳо доир ба фасли баҳор. Малакаи дарки зебоипарастиро инкишоф дода, зебоипарастию хусусияти рангҳо ва тафаккури эҷодиро дар тасвир ифода кардан.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи фаслҳои сол маълумот дода тавонанд.
- оид ба манзараи фасли баҳор рангҳоро муайян намуда, шаҳр дода тавонанд.
- манзараи фасли баҳорро тасвир ва оро дода тавонанд.
- бо истифодаи коғазҳои ранга фасли баҳорро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Муаллим баъди эълони мавзӯи ба хонандагон мефармояд, ки тасвири манзара ба хотир оранд ва тасвирҳои манзаравиро бодиққат тамошо карда ва

зебогии аслии рангҳо муқоиса намоянд. Ҳангоми тамошо аз тирезаи синф ё ин ки ҳангоми саёҳат барои зебоии табиат диққатро ҷалб кардан лозим. Барои ин муаллим қаблан диққати хонандагонро ба хусусиятҳои табиати-баҳорӣ ҷалб менамояд. Ин тарзи мушоҳида ба гуногунии зиёди кори эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Мустақилияти онҳоро дар кор, дар тасвири гуногунии расмҳо инкишоф медиҳад. Дар вараќи коғаз диққати махсус додан омезиши ранг, таносуби он ва тарзи ифодаи он зарур мешавад. Муаллим тарзи бо мӯқлам ва ҳамбастагии рангҳо дар коғазро ба хонандагон мушоҳида нишон медиҳад. Ин тарзи кор ба хонандагон дар корҳои ороишӣ ва тасвири манзара ёрӣ мерасонад.

1. Муаллим ба хонандагон манзараи фаслҳои сол ва ҳамбастагии ранҳои табиатро хотиррасон менамояд.
2. Муаллим тасвирҳои манзаравии рассомонро, ки оид ба фаслҳои сол эҷод шудаанд, нишон медиҳад, саволҳои зеринро пешниҳод мекунад:
   - Рангҳои кадом тасвири манзара ба шумо маъқуланд?
   - Чаро манзараи фасли баҳорро арӯси сол меноманд?
   - Зебогии эҷодкориро шумо чӣ тавр мефаҳмед?
   - Кадом аз чор фасли сол ба шумо аз ҳама зиёдтар маъқул аст?

3.Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки манзараи фасли баҳорро бо истифодаи қалами ранга ва ранги обӣ тасвир намоянд ва аз коғазҳои ранги гулмонӣ кунанд.

4. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири манзараи баҳор.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:
- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- суханони дигаронро намебурад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- рангҳоро дуруст муайян мекунанд.
-

## 50. Сохтани сӯзангирак - 1 соат.

**Барнома**. Суҳбат дар бораи навъҳои матоъ ва рангҳо. Дар асоси мушоҳида тасвир ва сохтани сӯзангирак. Аз маводҳои корӣ (матоъ, риштаҳои ранга, пахта) сохтани сӯзангирак. Оро додани сӯзангирак. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
- оид ба намудҳои сӯзангирак маълумот пайдо менамоянд;
- аз матоҳои гуногун намудҳои сӯзангиракро омода карда метавонанд.
- рангҳои гуногунро дар тасвир дуруст истифода интихоб карда метавонад.

**Равиши дарс:** Диққати хонандагонро ба тарзи ороиши миллӣ, ки тасвирҳоро муаллим ба намоиш гузоштааст, шинос менамояд. Чунин тарзи ороиш ва сохтани сӯзангиракро аз картони тунук ва матоъҳои гуногунранг сохтан мумкин аст. Хонандагон дар асоси нусхаи тартибдода шуда машғули кори амалӣ мешаванд. Муаллим корҳои онҳоро аз ҷиҳати эҷодкорӣ аз назар мегузаронад.

Кори амалӣ: Сӯзангиракро дар шаклҳои гуногун сохтан мумкин аст.

Шакли 1. Картони тунукро интихоб карда дуқат кунед (расми 1). Пас ба андозаи он матои махмалинро ба қисми дохилиаш васл кунед. Сипас аз канораҳо кӯкдӯзӣ намоед (расми 2).

Шакли 2. Матои дилхоҳатонро интихоб карда, онро бо пахта ба шакли болишт бидӯзед (расми 3).

Шакли 3. Матои интихобкардаатонро ба сурати ҷисме дароварда, ба дарунаш пахта андозед ва бидӯзед. Сӯзангиракатон шакли дигар мегирад.

*Вазифаи хонагӣ.* Тайёр намудани сӯзангирак.

**Арзёбӣ.** Шумо салоҳиятҳои сохтани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвиру сохтан ва интихоби рангҳо ба қадом ғалатҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст сохтан ва оро додан аз назар гузаронед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 51. Тасвир ва сохтани шакли пиёла – 1 соат.

**Барнома**. Маълумот умуми додан доир ба пиёла ҳамчун ашёи рӯзгор ва истифодаи он дар рӯзгор. Истифодаи шаклҳои геометрӣ дар ҷараёни тасвир ва сохтани шакли пиёла. Шаклу намудҳои гуногуни пиёла. Тасвир ва сохтани пиёлаҳо бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга ва ранги обӣ. Ороиши пиёлаҳо. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оид ба намудҳои шакли пиёлаҳои калон ва хурд фикрҳояшонро баён карда тавонанд;
- аз маводди табиӣ ягон шакли пиёлароо сохта тавонанд;
- дар варақ ороиш рангҳоро дуруст истифода карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Баъди баёни мавзӯи муаллим ба хонандагон мефармояд, ки шакли аслии ашёро бо диққат мушоҳида карда, норасоиро дар расм ислоҳ намоянд. Масалан: фарақияти тарафҳо аз ҷиҳати ранг муайян карда шавад. Муаллим бояд ба хонандагон тарзи дар рӯйи варақи нам бо мӯқалам кор кардан, чӣ тавр осон паҳн шудани ранги шаффоф будани рангро нишон диҳад. Ин усули кор дар дуруст тасвир намудани тасвир аз асл ёрӣ мерасонад. Ҳангоми бо ранг кор кардан хатҳои нодаркорро аз рӯйи тасвир пок кардан лозим, то ин ки зебоии ранг дурахшонтар ва назаррас гардад.

1. Пешакӣ якчанд намунаи пиёлаҳоро (калон, хурд) омода намоед. Онҳоро шумо метавонед дар болои миз барои намоиш гузоред.
2. Як шакли пиёларо бо истифодаи бӯрҳои ранга дар тахтаи синф тасвир намоед ва аз шаклҳои геометрӣ истифода бурда шакли пиёларо созед.
3. Хонандагон инфиродӣ аз маводи табиӣ ва картону шаклҳои геометрӣ истифода бурда шакли пиёларо тасвир ва оро диҳед, сипас шакли пиёларо созед.
4. Пас аз омода шудан хонандагон корҳои худро баррасӣ менамоянду ҳамсинфон арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири шакли пиёла.

**Арзёбӣ.** Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар варақ ягон шакли пиёларо тасвир намоянд ва аз шаклҳои геометрӣ истифода бурда шакли пиёларо созанд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ намуда намоишгоҳ ташкил намоед.

### 52. Сохтани модели парашут - 1 соат.

**Барнома**. Маълумоти мухтасар оид ба парашут. Зарурат ва мавриди истифодабарии парашут. Фарқиятҳои он. Дар асоси мушоҳида тасвир ва сохтани парашут. Аз маводҳои корӣ (матоҳои махсус, ресонҳо, коғаз) сохтани парашут. Оро додани парашут. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оид ба парашут маълумот пайдо менамоянд;

– аз матоҳои гуногун, коғаз намудҳои парашутро омода карда метавонанд.
– рангҳои гуногунро дар тасвир дуруст истифода интихоб карда метавонад.

**Равиши дарс:** Дар мавриди иҷрои ин супориши муаллим тарзи дурусти сохтани модели парашутро ба хонандагон мефаҳмонад. Дар тарзи сохтани қисмҳои ҷудогона низ чанде мисолҳо меорад. Азбаски хонандагон чунин тарзҳои моделсозиро дар дарсҳои гузашта сохта буданд, таҷрибаи хеле хуб низ дар ин супориш доранд. Баъд аз сохтан ва пайваст намудани қисмҳои ҷудогона ороишро бо рангҳои баланду пурнур акс менамоянд. Ин супоришро хонандагон хеле бояд шавқовар ва мароқовар иҷро намоянд. Хонандагон дар асоси нусхаи тартибдода шуда машғули кори амалӣ мешаванд. Муаллим корҳои онҳоро аз ҷиҳати эҷодкорӣ аз назар мегузаронад.

Кори амалӣ: Сохтани модели парашут.

1. Саволу ҷавоб бо хонандагон оиди парашут: Кӣ парашутро дидааст?, Кай ва дар куҷо онро ба кор мебаранд?, Парашутро аз чӣ месозанд?
2. Интихоби коғази квадратшакл ва дар он ишора кардани хатҳои қатшаванда (расми 1).
3. Буридани ҷисми қатшуда аз рӯйи хати буруши доирашакл (расми 2).
4. Интихоби ришта ва пайвасти онҳо (расми 3).

*Вазифаи хонагӣ*: Сохтани парашут аз коғазҳои ранга ва ришта.

**Арзёбӣ.** Шумо салоҳиятҳои сохтани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвиру сохтан ва интихоби рангҳо ба қадом ғалатҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст сохтан ва оро додан аз назар гузаронед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

### 53. Тасвир намудани намуди кӯҳсори диёр - 1 соат.

**Барнома**. Саёҳат ба маҳали зист ва дар асоси мушоҳида тасвир намудани манзараи деҳаи худ. Ороиши расм. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

– вазифаҳояшонро ҳамчун хонанда донанд ва онҳоро шарҳ дода тавонанд;
– фаъолияти якдигарро арзёбӣ карда тавонанд.
– манзараи деҳаи худро тасвир ва оро дода тавонанд.

**Равиши дарс:** Хонандагон бо ҳамроҳии муаллим дар мавзӯи сайри табиат чанде суҳбат карда ва ба тамошои атрофи мактаб мебароянд ва онро пеши назар меоранд, ки ин ҳам як эҷодкорӣ дар композитсияи тасвир маҳсуб мешавад. Муаллим хонандагонро ба тарзи эҷодкорона тавсиф кардани манзараро аз рӯйи тартиби зерин ташкил менамояд: яъне манзараи паҳновар, кӯҳҳои барфпӯш, дарахтзор, теппаҳои пасту баланд, садои шаршара, шукуфтани гулҳо, табиати рангин ва ғайра тасвир меёбанд.

Кори амалӣ: Хонандагон дар албом манзараи кӯҳсорро аз рӯйи тартиби зерин тасвир менамоянд.

- Тасвири шакли умумӣ.
- Нишон додани манзараҳои алоҳида, аз ҷумла дарахтон ва ғайра.
- Рангу бори манзара. Расмҳои 1, 2 ва 3.

. *Вазифаи хонагӣ*. Тасвири манзараи деҳаи худ.

**Арзёбӣ**. Шумо метавонед дар асоси меъёрҳо ба кори хонандагон баҳо диҳед. Дар хотир доред, ки дар ҷараёни таълим то нимсолаи 2 тамоми воситаҳои арзёбӣ ташаккулдиҳанда мебошанд. Яъне омӯзгор ҷараёни инкишофи хонандаро мушоҳида мекунад ба қайд мегирад ва агар зарур шавад бо хонандагон мустақилона кор мекунад ё тарзи таълимро тағйир медиҳад.

### 54. Тасвир дар мавзӯи «Дарахтони мевадор» - 1 соат

**Барнома**. Суҳбат дар бораи дархтони мевадор ва намудҳои он. Маълумоти мухтасар доир ба дарахти себ, олуча, гелос, зардолу ва шафтолу. Зарурат ва аҳамияти

истифодабари мевахо барои саломатии инсон. Тасвир намудани дархтони себ, гелос, шафтолу ва зардолу бо истифодаи рангҳои гуногун. Ороиш додани дарахтони мевадор.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- оиди зарурият ва аҳамияти мева дар организми инсон фаҳмиш пайдо намуда фикру ақидаашонро баён кунанд ва калимаҳои зарурироо шарҳ дода тавонанд;
- тарзи дуруст тасвир намуданро мувофиқи мавзӯъ донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- дар варақ тасвир рангҳоро дуруст интихоб намуда тасвир карда тавонанд;
- фарқияти дарахтони мевадор (себ, шафтолу, хурмо ва гелосро) гуфта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар атрофи мактаб дарахтони гуногун, ки аз рӯйи шакл одианд (чормағз, себ, зардолу, тут) ва дигар дарахтони бебаргро хеле бешуморанд. Қисми зиёде аз ин дарахтон фақат дорои муғчаҳои нимкушодаанд. Барои тасвир намудан онҳоро хонандагон интихоб менамоянд. Тасвирро бо хатҳои нозук ва фарқшаванда дар рӯйи коғаз мекашанд.

1. Ҳангоми иҷрои супориш муаллим оиди дарахтони мевадор ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти инсон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф намуди дарахтони мевадорро бо истифодаи бӯрҳои ранга тасвир менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: Тасвир ва оро додани шакли дарахтони мевадор бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ.

Гурӯҳи 1. Тасвир намудани дарахти себ ва оро додани он.
Гурӯҳи 2. Тасвир намудани дарахти зардолу ва оро додани он.
Гурӯҳи 3. Тасвир намудани дарахти гелос ва оро додани он.
Гурӯҳи 4. Тасвир намудани дарахти шафтолу ва оро додани он.

4. Хулоса. Расмҳои тасвирнамударо ба хонандагон баррасӣ ва арзёбӣ намоед.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани шакли дарахти хурмо.

**Арзёбӣ.** Шумо салоҳиятҳои тасвир намудани хонандагонро дар охир санҷед. Ҳангоми тасвир намудан ва интихоби рангҳо ба кадом ғалатҳо роҳ доданд дар дафтари арзёбӣ қайдҳо кунед. Инчунин дуруст тасвир намудан ва интихоби рангҳоро аз назар гузаронед. Ба хонандагон барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**55-56. Сохтани шакли ҳайкалчаҳо аз пластилин – 2 соат.**

**Барнома**. Саёҳат ба осорхонаи шаҳру ноҳияи худ. Маълумот дар бораи ҳайкалчаҳо. Сохтани шакли ҳайкалчаҳо аз пластилин ё гил. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи ҳайкалчаҳо маълумот дода тавонанд.
- фаъолияти якдигарро арзёбӣ карда тавонанд.
- ҳайкалчаи дӯстдоштаашонро аз пластилин созанд.
- ҳайкалҳои сохтаашонро ба намоиши синфӣ гузошта тавонанд.

**Равиши дарс:** Барои хубтар дарк кардани шакли асли ашё онҳоро бодиққат аз назар гузаронидан ба хонандагон таъкид мешавад. Онҳо ба шакл, ранг ва ҳаҷми ашё бодиққатона назар афкананд, хулосаи даркорӣ бароварда ва аҳамияту зарурати мавҷудияти ашёро дуруст дарк намоянд.

1. Мақсади мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ҳайкалчаҳо чӣ медонанд фикру ақидаашонро баён намоянд.

2. Талабагон пеш аз сохтан бодиққат ҷузъҳои фарққунандаи ашёро аз назар мегузаронанд. Сохти аслии ашё ва ҳаҷм онро аз рӯйи шакл муайян мекунанд.
3. Ба хонандагон пластилин диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ягон шакли ҳайкалчаро созанд.
4. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.
*Вазифаи хонагӣ.* Суробсозӣ. Сохтани шакли ҳайкалчаи дӯстдоштаи худ.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- корҳои худро намоиш медиҳанд.
- рангҳоро дуруст муайян мекунанд.

**57. Тасвири сабзавот – 1 соат.**

**Барнома**. Суҳбат оид ба парвариши сабзавот. Мушоҳидаи ниҳолҳо нарм кардани бехи онҳо, додани обу ғизо. Муқоисаи нашъунамои сабзавотҳо дар хона ва мактаб. Аҳамияти гармӣ барои сабзиши сабзавотҳо. Тасвири сабзавоти бодиринг. Апликатсияи сабзавот ва оро додан бо истифодаи қалами ранга, гуаш, ранги обӣ. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- навъҳои гуногуни сабзавотро номбар карда тавонанд;
- аҳамияти сабзавотҳоро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- шакли сабзавоти бодирингро тасвир ва оро диҳанд ва аз маводҳои табиӣ шакли онҳоро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Хонандагон ба расмҳои гуногуни сабзавот ва меваҳоеро, ки муаллим ба намоиш гузоштааст, боддиқат аз назар мегузаронанд. Муаллим диққати хонандагонро дар рафти суҳбат ба шаклҳо ва тарзи ҷойгиршавии ашёи тасвиршаванда ҷалб менамояд. Ранги ҳар як шаклро хонандагон мустақилона бо асли ашё аз ҷиҳати нур, соя ва тобиши рангҳо муқоиса менамоянд, ҳамин тавр расмро аз ҳар ҷиҳат пурнур менамоянд

1. Кори амалӣ: Тасвир ва оро додани сабзавот бо истифодаи маводҳои табиӣ ва қалами ранга, гуаш, ранги обӣ.
2. Хулоса. Хонандагон оиди нигоҳубини сабзавот фикру андешаҳояшонро баён мекунанд. Корҳои иҷронамудаи худро ба дигарон муаррифӣ менамояд ва ба кори якдигар арзёбӣ мекунанд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири сабзавотҳо ва оро додани онҳо.

**Арзёбӣ**. Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо супориш диҳед, ки дар порчаи коғаз номашонро нависанд. Сабзавотро тасвир менамоянд. Аз коғази ранга сабзавоти бодирингро апликатсия кунанд ва оро диҳанд. Дар рафти машғулият кори хонандагонро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед.

**58-59. Тасвири табиат дар фаслҳои гуногун – 2 соат.**

**Барнома**. Суҳбат аз рӯйи тасвири манзараҳои фаслҳои сол. Зебоӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи фасли баҳор аз фаслҳои дигар (зиндашавии табиат, гул кардани дарахтон, шукуфтани гулҳо). Тасвири манзараи фаслҳои сол.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- дар бораи фаслҳои сол маълумот дода тавонанд.

– оид ба манзараи баҳор ва зебоию хусусиятҳои фарққунандаи фасли баҳорро аз дигар фаслҳои сол муайян намуда, шарҳ дода тавонанд.
– манзараи фаслҳои солро тасвир карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки Шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1) Муаллим ба хонандагон манзараи фаслҳои сол ва ҳамбастагии рангҳои табиатро хотиррасон менамояд.
2) Муаллим тасвирҳои манзаравии рассомонро, ки оид ба фаслҳои сол эҷод шудаанд, нишон медиҳад, ва саволҳои зеринро пешниҳод мекунад:
   - Рангҳои кадом тасвири манзара ба шумо маъқуланд?
   - Зебогии эҷодкориро шумо чӣ тавр мефаҳмед?
   - Кадом аз чор фасли сол ба шумо аз ҳама зиёдтар маъқул аст?
   - Барои чӣ барфро кӯрпаи замин мегӯянд?
3) Кори гурӯҳӣ: Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо намоед:
   Гурӯҳи 1. Тасвир ва оро додани фасли зимистон;
   Гурӯҳи 2. Тасвир ва оро додани фасли баҳор;
   Гурӯҳи 3. Тасвир ва оро додани фасли тобистон;
   Гурӯҳи 4. Тасвири манзараи тирамоҳ.
4) Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда, ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири манзараи дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравнд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:
– хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
– бо навбат сухан мегӯяд;
– зебоӣ ва хусусияти фарқунандаи фаслҳои солро муайян мекунанд.

### 60-61. Тасвир аз асл. Тасвир ва сохтани гулҳои баҳор – 2 соат.

**Барнома**. Суҳбат оиди гулҳои баҳорӣ. Маълумот додан ба хонандагон оиди шаклҳои хусусиятнокии гулҳо. Тасвир ва сохтани гулҳои баҳорӣ бо истифодаи қаламҳои одӣ, ранга ва ранги обӣ. Ороиши гулҳо. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
– оид ба намудҳои гулҳои баҳорӣ фикрҳояшонро баён карда тавонанд;
– аз маводди табиӣ ягон шакли гулро сохта тавонанд;
– дар варақ гулҳои баҳориро тасвир карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Азбаски мавзӯи дарс аз асл тасвир намудани гулҳост, муаллим диққати хонандагонро ба тарзи тасвир ва ҷойгиршавии паст дар рӯйи коғаз ҷалб менамояд. Ҳангоми суҳбат муаллим дониши талабагонро доир ба фарқияти рангҳо, ки хонандагон бо онҳо аллакай шиносанд, мустаҳкам менамояд ва фарқияти ҷойгиршавии онҳоро ба хонандагон хотиррасон менамояд. Ин тарзи кор хонандагонро водор месозад, ки онро ба таври муқоиса ба асли ашё иҷро намоянд, то ин ки супоришҳои кори амалӣ натиҷабахш ба анҷом расад.

1. Пешакӣ якчанд намунаи гулҳои баҳориро омода намоед. Онҳоро шумо метавонед дар тахтаи синф гузоред.
2. Як шакли гулро бо истифодаи бӯрҳои ранга дар тахтаи синф тасвир намоед.
3. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара муттаҳид намоед. Ба ҳар гурӯҳ як супориш оид ба мавзӯъ диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро дар варақ тасвир

намоянд ва аз коғазҳои ранга шакли гулҳоро созанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба кори онҳо роҳбаладӣ намоед. Ба онҳо мунтазам ёрӣ расонед.
4. Пас аз омода шудани гурӯҳҳо ба ҳар гурӯҳ имконияти муаррифиро диҳед. Гурӯҳҳо бо навбат кори худро шарҳ медиҳанд. Пас аз муаррифии гурӯҳҳо аз хонандагон пурсед, ки ба кори гурӯҳҳои дигар арзёбӣ намоянд. Фикру ақидаашонро оиди корҳои мазкур баён намоянд.
*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири гули наргис

**Арзёбӣ.** Кори амалӣ. Барои санҷиш ба хонандагон вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар варақ ягон гули баҳорро тасвир намоянд ва аз коғази ранга шакли гули баҳориро созанд. Кори якчанд хонандаро аз назар гузаронед ва арзёбӣ намоед. Кори хонандагонро ҷамъ намуда, гӯшаи гулҳо ташкил намоед.

### 62. Тасвир ва сохтани шакли тайёра ва чархбол – 2 соат.

**Барнома**. Маълумоти умуми дар бораи тайёра ва чархбол. Суҳбат оиди намудҳои тайёра ва чархбол, идоракунандаи тайёра ё чархбол. Фарқияти тайёра аз чархбол аз ҷиҳати шакл ва ҳаҷм. Истифодаи тайёра ва чархбол дар ҳаёти инсон. Тасвири тайёра ва чархбол бо истифодаи шаклҳои геометрӣ. Сохтани тайёра ва чархбол аз маводҳои табиӣ, пластилин, коғазҳои ранга. Оро додани шакли тайёра ва чархбол. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:
- тарзи дурусти тасвир намудани тайёра ва чархболро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- рангҳоро дар тасвир дуруст истифода бурда гулмонӣ карда тавонанд;
- аз пластилин ва маводҳои табиӣ шакли тайёра ва чархболро сохта тавонанд;
- шакл, намуд ва фарқияти тайёраро аз чархбол номбар карда, гуфта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён намунаи фаъолиятҳои таълим оварда мешаванд. Ин қисмат тавсиявӣ аст, аз ин лиҳоз омӯзгорон метавонанд вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро тағйир диҳад, иловаҳо ворид намояд. Аммо омӯзгорон бояд натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун меҳвари дарс қарор диҳанд.
1. Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим оиди шакл ва намудҳои тайёра ва чархбол бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф бо истифодаи бӯри ранга шакли тайёра ва чархболро тасвир менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: муаллим хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо менамояд.

Гурӯҳи 1. Тасвири шакли тайёра бо истифодаи калами одӣ ва ранга.
Гурӯҳи 2. Сохтани шакли тайёра бо истифодаи пластилин ва маводҳои табиӣ.
Гурӯҳи 3. Тасвири шакли чархбол бо истифодаи калами одӣ ва ранга.
Гурӯҳи 4. Сохтани шакли чархбол бо истифодаи пластилин ва маводҳои табиӣ.

4. Хонандагон корҳои иҷрокардаи гурӯҳҳои худро баррасӣ намуда, арзёбӣ менамоянд.
*Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани шакли тайёра ва чархбол.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор меравaнд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:
- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- шакли тайёра ва чархболро дуруст тасвир мекунанд ва оро медиҳанд.
- аз маводҳои табиӣ ва пластилин шакли тайёра ва чархболро тайёр мекунанд.

### 63-64. Тасвир ва сохтани макет дар мавзӯи манзараи мактаб – 2 соат.

**Барнома**. Намоиши тасвирҳои ифодакунандаи манзараи зебоӣ мактаб. Суҳбат дар бораи мактаб макони илму дониш.Ба хотир овардани шеърҳо, суруду таронаҳо бахшида илму дониш. Мушоҳидаи зебоиҳои табиати мактаб ва рангҳои фарққунандаи

онҳо. Нишон додани асарҳои санъати тасвирӣ. Тасвирро бо ранги аслӣ озодона , моҳирона инъикос мекунанд. Тасвир ва сохтани макети манзараи мактаб.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- тарзи дурусти тасвир намудани манзараи мактабро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- рангҳоро дар тасвир дуруст истифода бурда гулмонӣ карда тавонанд;
- аз пластилин ва маводҳои табиӣ шакли макети мактабро сохта тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён намунаи фаъолиятҳои таълим оварда мешаванд. Ин қисмат тавсиявӣ аст, аз ин лиҳоз омӯзгорон имконият доранд, ки вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро тағйир диҳанд, иловаҳо ворид намоянд. Аммо омӯзгорон бояд натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун меҳвари дарс қарор диҳанд.

1. Ҳангоми иҷрои ин супориш муаллим оиди зебоипарстӣ бо хонандагон суҳбат ташкил мекунад.
2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф тасвири манзараи мактабро овезон менамояд.
3. Кор дар гурӯҳ: муаллим хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд. Ба онҳо варақ дода мешавад, хонандагон ба манзараи мактаб нигоҳ мекунанд. Сипас бо истифодаи қалами одӣ, ранга, гуаш ва ранги обӣ манзараи мактаби худро тасвир менамоянд.
4. Кори амалӣ: аз маводҳои табиӣ ва пластилин истифода намуда шакли макети мактабро месозанд.
5. Хонандагон корҳои иҷрокардаи гурӯҳҳои худро баррасӣ намуда, арзёбӣ менамоянд.

*Вазифаи хонагӣ.* Тасвир намудани шакли меваҳо ва баргҳои дарахти дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонандагон фикрашро озодона баён мекунанд;
- манзараи мактабро дуруст тасвир ва оро медиҳанд.
- аз маводҳои табиӣ ва пластилин макети мактабро тайёр мекунанд.

**65– 66. Суҳбат дар мавзӯи «Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон». Тасвир ва сохтани «Кабӯтар рамзи сулҳ»- 2 соат.**

**Барнома**. Маълумоти мухтасар доир ба 1-июн ҷашни байналмилалии кӯдакон. Суҳбат оиди “Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон”. Хотиррасон намудани номҳои парандагон ва манфиатрасон будан, муҳофизат намудани онҳо. Тасвир намудан ва сохтани шакли кабӯтар. Истифода бурдан аз коғазҳои ранга, мавodди табиӣ, қаламҳои ранга, пластилин. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- ✓ дар бораи парандагон маълумот дода тавонанд.
- ✓ фаъолияти якдигарро арзёбӣ карда тавонанд.
- ✓ шакли кабӯтарро тасвир ва сохта тавонанд.
- ✓ зарурати муҳофизати парандагонро муайян карда тавонанд.

**Равиши дарс:** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба таълими мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1. Ба хонандагон супориш диҳед, ки номҳои парандагонро ба хотир биёранду номбар намоянд.

2. Фоидарасон будани парандаҳоро шарҳ дода тавонанд.
3. Сипас дар тахтаи синф расми кабӯтарро гузоред. Оиди расм бо хонандагон суҳбат ташкил намоед. Барои чӣ кабӯтарро рамзи сулҳ мегӯянд?
4. Ба хонандагон варақ диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки расми кабӯтарро бо истифодаи қалами одӣ тасвир намоянд ва бо истифодаи қаламҳои ранга, гуаш ва ранги обӣ онро оро диҳанд.
5. Хонандагон аз коғазҳои ранга, пластилин ва маводҳои табиӣ истифода бурда шакли кабӯтарро созанд.
6. Хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуда ба кори якдигар арзёбӣ намоянд.
7. Вазифаи хонагӣ. Сохтан ва тасвири намудаи шакли кабӯтар.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки ба ташаккули салоҳияти хонанда замина ҳисоб меёбанд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- шакли кабӯтарро тасвир менамоянд;
- аз пластилин шакли кабӯтарро месозанд;
- зарурати муҳофизати парандагонро номбар мекунанд.

### 67. Дарси ҷамъбастӣ дар мавзӯи: «Тасвири табиат бо хаёлоти кӯдакона» - 1соат.

**Барнома**. Маълумоти умумӣ доир ба табиат, манзараҳои табиат, фаслҳои сол, фарқияти фаслҳои сол, ҳодисаҳои табиат. Бозиҳои кӯдакона вобаста ба фаслҳои сол. Номбар кардани рангҳои гуногуни рустаниҳо ва дарахтон, сабзазор. Тасвири манзараи сабзазор ва ороиши он. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон то охири дарс бояд:

- вазифаҳояшонро ҳамчун хонанда донанд ва онҳоро шарҳ дода тавонанд;
- ба фаъолияти худ ва ҳамсинфон баҳо дода тавонанд.
- аз хаёлоти рангини худ тасвир намуда тавонанд.

**Равиши дарс:** Машғулият бо суханони омӯзгор ва аёниятҳои тайёркардашуда оғоз меёбад. Дар рафти суханронӣ омӯзгор ба хонандагон савол медиҳад, ки “Фаслҳои солро номбар кунед?”, “Дар кадом фасли сол бо кадом бозиҳо машғул мешавед?”. Хонандагон инфиродӣ фикрашонро баён менамоянд. Бо истифодаи хаёлоти рангин худ супоришҳоро мустақилона иҷро мекунанд.
1. Хонандагон дар албом бо хаёлоти рангини худ манзараи сабзазорро тасвир менамоянд.
2.Сипас хонандагон корҳои якдигарро аз назар гузаронида, ақидаҳояшонро баён намуда арзёбӣ мекунанд.
*Вазифаи хонагӣ.* Тасвири манзараи дӯстдошта.

**Арзёбӣ**. Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина башумор меравад, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- аз хаёлоти рангини худ тасвир мекунад.

## Адабиёт


1. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. - Душанбе, 2009
2. Барномаи таълими фанни “санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ”. – Душанбе, 2008
3. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
4. Эрматова У.С., Зоолшоева Б.Ф., Алиев А. Б., Олимова Ф.К., Зиёев М. Н. Таълими фанни “санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ”. Дастури таълим барои тренери курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ.- Душанбе, 2009.
5. Зиёев М.Н., Алиев А.Б., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Истиқлол ва сиёсати давлат дар соҳаи маориф. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
6. Абдуллоев Ибодулло. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи якум Душанбе, МТЛ, ОРЕС, 2005.
7. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи 2 ПИК «Офсет» 2001.
8. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи дуюм ПИК «Офсет» 2001.
9. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи чорум, ПИК ,«Офсет» 2001

# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёна


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Умаров |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 29.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 8.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 130/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.

E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Кӯдакон ва наврасон»
бо супориши №09/2016-КН чоп шудааст.